ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН * НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА *

Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

10 июни соли 2015, чоршанбе, №24 (1003)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ДУШАНБЕ - МИЗБОНИ КОНФРОНСИ ОБ

**9 июни соли равон дар Кохи Сомони бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конфронси байналмилалии сатҳи баланд барои татбиқи амалиёти "Об барои ҳаёт" оғоз гардида, то 11 июн идома хоҳад ёфт. Ин иқдоми муҳим яке аз чорабиниҳои ҷаҳонӣ аст, ки бо пешниҳоди Точикистон ба ҳадафи расидан ба рушди устувори захираҳои об дар ҳамкорӣ бо сохторҳои СММ дар чорчӯби Даҳсолаи байналмилалии "Об барои ҳаёт" солҳои 2005-2015 роҳандозӣ шуд. Ҳадафи асосии конфронс арзёбии пешравиҳо дар дастёбӣ ба аҳдофи Даҳсола ва таҳияи тарҳи иқдомоти минбаъда оид ба таъмини рушди устувори захираҳои об мебошад.**



Ин конфронс таҳти раёсати вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов ва бо суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфт.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои ҷараёни иҷрои нишондодҳои даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт"-ро баррасӣ намуда ҳамзамон пешниҳод кард, ки 10 соли оянда низ Даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳти шиори "Об барои рушди устувор" эълон шавад. Ёдовар бояд шуд, ки ҳоло қариб 1 млрд. аҳолӣ дар тамоми дунё дастрасӣ ба оби тозаро надоранд ва масъулияти об барои истифодаи маишӣ асосан бар дӯши занон ва кӯдакон аст, ки онҳо метавонанд соатҳо ва рӯзҳои зиёдро бо дарназардошти иқлим, фосила, манбаъ ва ҳаҷми оила сарф намоянд.

Барои қариб 60 млн. аҳолии Осиёи Марказӣ оби пиряххо дар баландкӯҳҳои Помир ва Тён-Шон сулҳ, некуаҳолӣ ва шукуфоиро кафолат медиҳанд. Гузашта аз ин ба худи манбаъҳои табии захираҳои об тағйири иқлим ва истифодаи ноустувор хатар эҷод мекунад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки минтақа акнун ба чунин падида рӯ ба рӯ шудан дорад. Иштирокчиён масъалаи чӣ тавр таъмин намудани дастрасии устуворро ба оби нӯшокӣ ва муҳайё кардани шароити беҳдоштӣ, истифодаи оқилона аз манбаъҳои об дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон ва аз ҷумла обҳои Осиёи Марказӣ, таҳияи барномаҳои муассири рушди иқтисодии кишварҳоро баррасӣ карданд.

Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф, Роҳбари Ҳукумати Иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон доктор Абдулло Абдулло, Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Темир Сариев, Сарвазири Ҷумҳурии Габон Даниэл Она Ондо, Муовини аввали сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Бахтижон Сагинтаев, Муовини раиси кабинети вазирони Туркманистон Аннагелд Язмуродов,аз ҷумлаи мақомоти баландпояи иштирокчии конфронси байналмилалии вобаста ба даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт" буданд.

саҳ. 2

## ВАЗЪИ ИФРОТГАРОӢ ВА РАДИКАЛИЗМ



саҳ. 8




## Нақби «Истиқлол» ВА МУШКИЛОТИ ДОИМИИ ОН

## БУНЁДИ ОИЛА САРОСЕМАГИРО НАМЕХОҲАД



саҳ. 11

## Офати табиӣ дар Исфара

саҳ. 6



саҳ. 6

## АФҒОНИСТОН, ТЕРРОРИСТОН ВА ОСИЁИ МИЁНА

саҳ. 1

# ДУШАНБЕ - МИЗБОНИ КОНФРОНСИ ОБ

Навоз Шариф, Нахуствазири Покистон аз пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон Президенти Тоҷикистон дар бораи эълони боз як даҳсолаи дигари об ҳимоят кард. Навоз Шариф рӯзи 9 июн дар суханронии худ дар ҳамоиши натиҷагирӣ аз даҳсолаи аввали "Об барои ҳаёт" гуфт, "Дархост мекунем, ин пешниҳод воқеъбинона ичро шавад. Покистон ҳам ба мушкили зиёди об мувоҷеҳ аст ва ин эълони даҳсолаи оби гузашта тавонист, ба дастовардҳо ноил гардад".

Сарвазири Қирғизистон зимни суханронӣ дар ин нишаст ба нақши Тоҷикистон, доир ба ҳамгироии минтақавии Тоҷикистону Қирғизистон ва масоили вобаста ба истифодаи босамари захираҳои обию энергетикӣ ва ҳифзи муштараки манфиатҳои кишварҳои минтақа суҳбат кард.

Ба гуфтаи ӯ, масъалаҳои марбут ба об барои ҳамаи кишварҳо муҳим буда ва ҳалли мушкилоти он танҳо аз тариқи музокирот ва тафоҳум мумкин хоҳад буд.

Раиси иҷроияи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон доктор Абдулло Абдулло дар конфронс бар ҷойгоҳи Тоҷикистон барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи сарфаи об таъкид кард.




Вай қайд намуд, ки Сардори давлати Тоҷикистон ҳамеша ба ин масъала таваҷҷуҳ дошта, дилсӯзона дар ҷаласаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ин мавзӯъро матраҳ кардааст.

Ин мақоми баландпояи Афғонистон гуфт: "Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки равобити мо дар ҷиҳати истифода аз манобеи об низ ҳамеша дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯи манофеи кишварҳоямон бошанд. Дар байни кишварҳои минтақа мо ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон алоқамандии хос дорем."

Ин конфронс бо иштироки беш аз 1500 ширкаткунанда аз 100 кишвар ва минтақаҳои гуногуни олам, ки Ҳукумат, ниҳодҳои СММ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандиро намояндагӣ мекарданд, баргузор шуд.

**С. ЮСУФОВ**

Аз ҳамкории Тоҷикистон бо 23 ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла дар соҳаҳои ислоҳоти идораи давлатӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, кишоварзӣ, бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ва обрасонӣ изҳори қаноат карда шуд. Тавре зикр гардид, давоми солҳои 2010-2014 дар ҳамкорӣ бо ин ниҳодҳо бо маблағи умумии 346 миллион доллари амрикоӣ тақрибан 100 лоиҳа дар Тоҷикистон амалӣ шудааст.

Дабири кулли Созмони

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ПАН ГИ МУН

**Дирӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" дар солҳои 2005-2015 бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун, ки ба Душанбе ташриф овардааст, мулоқот намуд. Дар вохӯрӣ масоили вобаста ба ҳамкории бисёрпаҳлӯи Тоҷикистону Созмони Милали Муттаҳид баррасӣ шуд.**

Милали Муттаҳид Пан Ги Мун бори дигар ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об баҳои баланд дода, ҳамзамон барои дар сатҳи баланд ва бо мудирияти мусоид ба роҳ мондани конфронси имрӯзаи байналмилалӣ ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон арзи сипосу қадрдонӣ намуд.

Аз Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон даъват карда шуд, ки ба ҳайси роҳбари давлати ташаббускор дар ҳаллу фасли мушкилоти ҷаҳонии вобаста ба об, энергетика, гармшавии иқлим ва таъмини рушди устувор, аз ҷумла аз тариқи истифодаи васеъ аз иқтисоди сабз, имсол дар иҷлосияи навбатии Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк иштирок намояд.

Ҳарду ҷониб бо дар назардошти таҷрибаи ғании ҳамкорӣ ва натиҷаҳои судманди ҳосилшуда, омодагии устувори худро ба густариши робитаҳои самарабахш дар оянда таъкид доштанд.

# РАВОБИТИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН ВУСЪАТ МЕЁБАНД

**Рӯзи 8 июн Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин Вазири нерӯи Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳомид Читчиёнро ба ҳузур пазируфт.**

**Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат изҳор дошт: "Тоҷикистон аз он қаноатманд аст, ки солҳои охир дар ҷодаи робитаҳои иқтисодии ду кишвар ҳамкории бунёдӣ мақоми асосӣ пайдо кардааст". Тазаккур дода шуд, ки ҳоло дар Тоҷикистон беш аз 150 ширкати эронӣ фаъолияти босамар доранд. Мубодилаи молу колои миёни Тоҷикистону Эрон соли 2014 зиёда аз 228 миллион долларро ташкил дод, ки ин баробар ба 4,3% тиҷорати хориҷии Тоҷикистон дар ин сол аст.**

**Бо қаноат зикр гардид, ки ҳамкории Тоҷикистону Эрон дар арсаҳои бунёдии энергетика ва тавлиди зербинои нақлиётӣ - дар баробари робитаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ-ҷанбаи муҳимтарини муносиботи ду кишвар аст.**

**Изҳори бовар карда шуд, ки бо истифода аз таҷрибаи муштараки сохтмони нерӯгоҳи обии Сангтӯда-2 ҷониби Эрон дар бунёди дигар нерӯгоҳҳои Тоҷикистон ҳам саҳмгузор хоҳад буд.**

**Таваҷҷуҳи зиёд ҳамчунин ба густариши робитаҳои сеҷонибаи Тоҷикистону Эрону Афғонистон, аз ҷумла сохтмони роҳи оҳан ва кашидани хатти барқии баландшиддат ва лӯлаи оби ошомиданӣ миёни се кишвар зоҳир гардид.**

# САФАРИ РАСМИИ АБДУЛЛОҲ АБДУЛЛОҲ БА ТОҶИКИСТОН

**Таърихи 8 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Раиси иҷроияи Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон доктор Абдуллоҳ Абдуллоҳро, ки бо сафари расмӣ ва барои иштирок дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба масоили даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт" ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории бисёрҷанбаи Тоҷикистону Афғонистон, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсат, амният, иқтисодиёту иҷтимоиёт, маориф ва ғайра баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар оғози суҳбат изҳор дошт: "Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамкории мутақобилан судманди дуҷониба бо кишвари дӯсту бародари Афғонистон буд, ҳаст ва хоҳад монд. Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ин муносибатҳо ҳамеша дар сатҳи баланд ва ҷавобгӯи манофеи ҳар ду ҷониб бошанд. Дар байни кишварҳои минтақа мо ба ҳамкорӣ бо кишвари шумо алоқамандии хос дорем".

Доктор Абдулло Абдулло ҷойгоҳи Тоҷикистонро дар робитаҳои хориҷии Афғонистон басо баланд арзёбӣ карда, аз ҷумла изҳор дошт, ки ин аввалин сафари хориҷии ӯ пас аз интихоботи президентии кишвараш ва ба мақоми Раиси иҷроияи Ҳукумати ваҳдати миллии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон расиданаш мебошад, ки ба Тоҷикистон рост омадааст.

Аз заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон, ки иборат аз қариб 80 санад мебошад, изҳори қаноат карда шуд.

Фаъол гардидани хатти барқии 220 - киловолтаи Тоҷикистону Афғонистон, пулҳои мошингузари миёни ду кишвар ва нақшаҳои калонмиқёси минтақавӣ доир ба кашидани хатти барқии 500-киловолтаи CASA-1000 ва сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон намунаҳои возеҳи густариши робитаҳои судбахши ду давлати ҳамсоя номида шуд.

Гуфтугӯйи судбахш ҳамчунин доир ба кашидани лӯлаи гази Афғонистон-Тоҷикистон, сохтмони роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон ва дигар нақшаҳоиояндаи минтақавӣ сурат гирифт.

Таъкид гардид, ки сохторҳои масъули Тоҷикистону Афғонистон бояд дар татбиқи босуръат ва босифати ин нақшаю тадбирҳо бештар фаъол бошанд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба масоили амниятӣ, аз ҷумла таъмини сулҳу субот дар минтақаҳои сарҳадии миёни Тоҷикистону Афғонистон ва муборизаи муштарак бо унсурҳои терроризму ифротгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир зоҳир гардид.

Масоили дигари минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории Шанхай ва ҳамчунин рӯзномаи масоили ҷаҳонии вобаста ба даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт"низ аз мавзӯъҳои асосии суҳбат буд.

**Нимаи дуюми рӯзи 8 июн Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон нахуст Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Темир Сариевро, ки бо сафари расмӣ ва ҳам барои иштирок дар конфронси байналмилалии сатҳи баланд вобаста ба даҳсолаи амалиёти "Об барои ҳаёт" ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**

# ЭҲТИРОМИ МАНФИАТҲОИ ТАРАФАЙН МУҲИМ АСТ

Дар мулоқот масоили вобаста ба муносибати дӯстию ҳамсоягӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар баррасӣ шуд.

Изҳори бовар карда шуд, ки сафари расмии Сарвазири Қирғизистон ба Тоҷикистон ба рушди ҳамкории дуҷониба ва бартарафсозии мушкилоти мавҷуда мусоидат мекунад.

Тавре зикр гардид, гардиши мол миёни Тоҷикистону Қирғизистон дар се моҳи соли 2015 нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 4,3 баробар афзудааст ва ин гувоҳӣ аз анҷоми тамоюли камшавии босуръати ҳаҷми тиҷорати дуҷониба, ки дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба назар мерасид, номида шуд.

Хотиррасон гардид, ки соли 2014 ҳаҷми гардиши мол миёни Тоҷикистону Қирғизистон нисбат ба соли 2013 3,5 баробар коҳиш ёфта буд.

Барои боз ҳам афзун гардидани нишондодҳои тиҷоратӣ ва боло бурдани иқтидори транзитии ду кишвари ҳамсоя, аз ҷумла додани мақоми байналмилалӣ ба гузаргоҳи сарҳадии Қарамиқ зарур дониста шуд.

Таъкид гардид, ки корҳо барои муайянсозӣ ва аломатгузории қитъаҳои баҳсноки сарҳади давлатии миёни Тоҷикистону Қирғизистон бояд бо назардошти манфиатҳои ҳарду ҷониб бомаром идома дода шаванд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба ҳамгирои минтақавии Тоҷикистону Қирғизистон доир ба масоили вобаста ба истифодаи босамари захираҳои обию энергетикӣ ва ҳифзи муштараки манфиатҳои ба ҳам наздики ду кишвар ва роҷеъ ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон инчунин Котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором хонум Шамшод Ахтарро ба ҳузур пазируфт.**

# МУЛОҚОТ ДАР ДОИРАИ ҲАМКОРИҲО БО СММ

Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистону СММ баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ЭСКАТО) барои татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишвари мо арзи сипос намуд.

Бо қаноат зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон раисии ин комиссияро дар соли 2015 бар уҳда дорад ва чорабиниҳои солонаи онро дар сатҳи баланд амалӣ менамояд.

Атрофи рӯзномаи конфронси Душанбе роҷеъ ба натиҷаҳои татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" дар солҳои 2005-2015" табодули назар карда шуд. Ба нақши Тоҷикистон чун кишвари ташаббускор дар арсаи ҷаҳонӣ баҳои баланд дода шуд.

Таъкид гардид, ки Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид барои кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором минбаъд ҳам аз пешрафти Тоҷикистон, аз ҷумла дар самти таъмини дастрасӣ ба нерӯи устувор, рушди кишоварзӣ ва манотиқи деҳот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва умуман, барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дастгирӣ хоҳад кард.

# КӮМАК БА НИЁЗМАНДОНИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

Санаи 7 июни соли равон бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирии иҷтимоии ятимону маъюбон, бепарасторон ва оилаҳои камбизоати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корвони иборат аз 76 мошинҳои пурбор ба роҳ баромад.

Тибқи маълумот ба 8597 оилаҳои камбизоат ва ниёзманди вилоят дар ҳаҷми умумии 1100 тонна маводи ғизоӣ расонида мешавад.

Илова бар ин, ба 670 нафар тарбиягирандагони мактаб - интернатҳои вилоят ва 77 нафар ятимони кулл сару либос ва пойафзол, инчунин ба маъюбон аробачаҳои маъюбӣ ва дигар воситаҳои техникии тавонбахшӣ кӯмак карда мешавад.

Арзиши умумии маводу маҳсулоте, ки ба сокинони ниёзманди вилоят фиристода шуд, панҷуним миллион сомониро ташкил медиҳад.

Кӯмаки зикршуда беш аз 60 ҳазор нафар аҳолии вилоятро фаро гирифта, нишондиҳандаи ғамхории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ятимону маъюбон ва ниёзмандону оилаҳои камбизоат мебошад.

Бо мақсади ба таври шаффофу мақсаднок дастрас намудани молу маҳсулот аз ҳисоби аъзои Ҳукумати мамлакат, кормандони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президент ва роҳбарони шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

*www.president.tj*

# ДИДОРИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ БО МУОВИНИ ДАБИРИ КУЛЛИ СММ

**Субҳи 9 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Муовини Дабири Кулл, Мудири барномаи рушди СММ Ҳелен Кларкро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили вобаста ба ҳамкории пурсамари Тоҷикистон бо ин ниҳоди басо муҳими Созмони Милали Муттаҳид баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид ва дафтари он дар Тоҷикистон барои татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва башардӯстона дар кишвари мо самимона арзи сипос намуд.

Хонум Ҳелен Кларк Тоҷикистонро яке аз кишварҳои пешсаф ва ташаббускор дар ҳамгироӣ бо Созмони Милали Муттаҳид барои татбиқи босамари Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, пеш аз ҳама дар масоили дастрасӣ ба оби тоза, нерӯи барқ ва ҳам барои таъмини рушди устувор номида, ба роҳбарияти кишвари мо барои ибтикорҳои созанда арзи қадрдонӣ намуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки "Тоҷикистон аз пуштибонҳои ташаббуси Дабири кулли Созмони Милал оид ба "Энергияи устувор барои ҳама" мебошад" ва аз он, ки Тоҷикистон яке аз панҷ кишвари пилотӣ дар татбиқи ин ҳадаф интихоб шудааст, изҳори қаноат намуд. Ҳамчунин пуштибонии Тоҷикистон аз қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ оид ба эълон намудани солҳои 2014-2024 ҳамчун даҳсолаи "Энергияи устувор барои ҳама" бори дигар таъйид гардид.

Ҳарду ҷониб ба татбиқи Нақшаи амалиёти кишварии Барномаи рушди СММ барои солҳои 2010-2015 баҳои баланд дода, изҳори бовар намуданд, ки ин нақша барои панҷсолаи нави 2016-2020 ҳам қабул ва босамар татбиқ мегардад.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба мавзӯъҳои конфронси байналмилалии сатҳи баланд роҷеъ ба натиҷаҳои татбиқи даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" барои солҳои 2005-2015, ки пагоҳ дар шаҳри Душанбе ба кори худ оғоз менамояд, сурат гирифт.

Хотиррасон бояд намуд, ки дар ин конфронс беш аз 1500 нафар аз зиёда аз 100 кишвари ҷаҳон ва даҳҳо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ иштирок мекунанд.

Ҳаёти ҳизб

# НАҚШИ НАШРИЯҲОИ ҲИЗБӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ҲХДТ

Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шоҳмансур рӯзи 5-уми июн дар фароғатгоҳи берунашшаҳрии КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" семинари илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Дастовардҳои барномаи ҲХДТ ва нақши нашрияҳои ҳизбӣ дар фаъолияти он" бо иштироки раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва кумитаҳои иҷроияи ибтидоии ҳизбӣ баргузор гардид.

Бо мақсади ба амал баровардани сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати эълон гаштани соли 2015-"Соли оила", мавқеи нашрияҳои ҳизбӣ дар ташаккулу тафаккури шаҳрвандони кишвар, дурнамои фаъолияти ҲХДТ ва ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ барномаи семинари сайёр омода шуда буд.

Билол Гадоиев, раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур семинарро бо сухани муқаддимавӣ кушода, иброз дошт, ки ҲХДТ муътақид бар он аст, ки ҳаёти шоиста бояд меъёри миллӣ бошад, зеро он бақову ояндаи миллат аст. Ӯ афзуд, ки ҳадаф аз баргузории семинари мазкур мубодилаи афкор ва шиносоии ташкилотҳои ҳизбӣ бо ҳамдигар мебошад.

Маҳмадулло Наимов, мудири шуъбаи таблиғоти Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи Марказии ҲХДТ сухан карда мавзӯи "Дастовардҳои барномаи ҲХДТ"-ро мавриди баррасӣ қарор дод. Мавсуф қайд кард, ки ҲХДТ мақсад гузоштааст, ки тавассути ширкати фаъолонаю бевосита дар иҷрои барномаҳои тақдирсози кишвар, ободию шукуфоии Ватан саҳми худро бештар гардонад.



Сипас иҷрокунандаи вазифаи раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Абдулазиз Одинаев баромад карда, иброз дошт, ки боварӣ дорам, ин нангу номуси баланди ватандӯстиву ватанпарвариро ҳар яке аз иштирокдорони семинар сазовор ҳастанд ва аз ин нишасти озод истифода бурда, бо ҳам дӯст, рафиқ ва дастгири ҳамдигар гашта, минбаъд дар роҳи созандагӣ, пешрафту тараққиёти ҷомеа, тинҷиву амонии давлат, саҳмгузор бошем.

Бахтиёр Ҳамдамов, сармуҳаррири нашрияи марказии ҲХДТ "Минбари халқ" дар мавзӯи "Нақши нашрияҳои ҳизбӣ дар фаъолияти ҲХДТ" суханронӣ карда гуфт, ки матбуот ва дигар воситаи ахбори омма дар тарбияи фарҳанги сиёсии кулли аъзои ҷомеа масъуланд.

Сипас сармуҳаррири нашрияи "Мароми пойтахт" Раҷаб Саидӣ, раиси ТИ "Базморо" Ҷамшед Исмоилов, муовини ТИ "Нафиса" Абдулло Муҳаммадиев, раиси ТИ "Такмили ихтисос"- и Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи ҶТ Раҳмонқул Шарифов, раиси ТИ "Матбуот" Саттор Ҷалилов андешаҳои худро нисбати нақши нашрияҳои ҳизбӣ ва масъалаи ҷалби ҷавонони фаъол ба созандагиву меҳанпарастӣ баён дошта, ҷиҳати ташкил ва гузаронидани ин семинари сайёр изҳори миннатдорӣ намуданд.

**Шаҳло НАҶМИДДИНОВА**

Минбари халқ
10 июни соли 2015,
№24 (1003)

# ВАҲДАТОФАР

## Оид ба нақши Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди сулҳу ваҳдат



*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

**"Ман ба Шумо сулҳ меоварам!", "То як тоҷик дар ғурбат аст, ором нахоҳам шуд!", "Дар ин роҳ ё мемирам, ё ба пирӯзӣ даст меёбам!"**-ин суханони Сарвари давлат ҳам, ки он вақтҳо дар толори иҷлосия ва зимни савгандёдкунӣ гуфта шуда буданд, вирди забонҳо гардиданд.

Касоне буданд, ки он рӯзҳо ҳарфҳои мазкурро ҷиддӣ нагирифтанд. Ҳатто арбобони кордидаи давлатие низ ёфт мешуданд, ки умри "ҳукумати Эмомалӣ Раҳмон"-ро бештар аз ду моҳ пешгӯӣ намекарданд.

Бале, воқеан ҳам анъанашиканӣ шуд. Бархилофи ҳамаи қоидаҳои маъмулии расмшуда, ба мақоми олии давлатӣ нафаре омад, ки арбобзода набуд, фарзанди деҳқон буд. Вай бар хилофи ҳамаи пешгӯиҳои нотавонбинона нишон дод, ки бо хираду бурдборӣ, донишу таҷрибаи зиндагӣ, ҷасорату мардонагӣ, сабру таҳаммул ва риояи инсофу адолат фарзанди деҳқон низ метавонад давлатро ба камоли кордонӣ зери даст дошта бошад, ваъдаҳои додаи хешро яке аз пайи дигар қотеона ба иҷро бирасонад ва зиёда аз он, ба дараҷаи як давлатмарди тавонои сатҳи ҷаҳонӣ камол ёбад.

Ҷараёни баргузории худи Иҷлосия ҳам бо мураккабиҳо мегузашт ва осон даст надода буд. Зарурати даъвати он барои ҳамагон равшан буд ва сари масъалаи мазкур мухолифате ба миён наомад. Ҳамагон дарк мекарданд, ки бояд ҳарчи зудтар пеши роҳи ҷангу хунрезӣ гирифта шуда, дар кишвар амнияту субот барқарор гардад. Аммо мавзӯи ҷои баргузории Иҷлосия - Душанбе ё Хуҷанд баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба вуҷуд овард. Душанбе пойтахт буд, аммо ноором, имкони халалдор сохтани кори он аз ҷониби афроди силоҳдор аз эҳтимол дур набуд. Оқибат қарор шуд, ки нишасти навбатии вакилон дар Хуҷанд баргузор шавад. Ба ҳамин тариқ Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, иҷлосияе, ки ҳукумати конститутсионии дар натиҷаи ошӯбҳо поймолшударо барқарор карда, ба истиқрори сулҳу ваҳдат дар кишварамон ибтидо гузошт, аз 16-уми ноябр то 2 декабри соли 1992 дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид. Комиссияи муросо иборат аз 40 нафар вакил, ки тамоми минтақаҳои мамлакатро намояндагӣ мекарданд, баъди баррасиҳои миёни ҳамдигар 23 масъаларо ба рӯзномаи кори иҷлосия пешниҳод намуданд. Вакилони иҷлосия масъалаҳои муҳими ташкилию сиёсиро баррасӣ намуда, перомуни онҳо қарорҳои дахлдор қабул карданд ва чуноне дар боло ишора шуд, мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мақоми Раиси Шӯрои Олӣ, Сарвари давлати Тоҷикистон пазируфтанд. Умуман, дар ин иҷлосия тамоми ҳайати раёсати Шӯрои Олӣ аз нав интихоб гардид. Ҳайати нави роҳбарии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон муайян карда шуд. Иҷлосия, ҳамчунин, масъалаҳои аз муҳосираи иқтисодӣ раҳо кардани баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, тартиби ба ҷои зисти муқимиашон бозгардонидани гурезаҳо ва як қатор мавзуоти муҳими дигарро ҳаллу фасл карда, нисбати онҳо қарорҳои дахлдорро ба тасвиб расонд.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон ба иҷрои вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ, Сарвари давлати Тоҷикистон шуруъ карда, ҳамзамон рисолати бузургеро бар дӯши хеш гирифт ва он қатъи ҷанг, барқарории сулҳу созиш ва оштии миллӣ буд. Ӯ хуб мефаҳмид, ки иҷрои рисолати мазкур чи гуна ҷасорату фидокорӣ, бурдборию қотеияти инсониеро аз кас тақозо дорад. Ҷаноби Олиро ба иҷрои рисолати мазкур хотираи неки садҳо нафар қурбониёни бегуноҳи ҷанг, дидагони чори тифлон, модарону хоҳарон, пиронсолон, мардону занони ломакон, харобазорони ҳузнангези Ватани бобоӣ ва тақдири минбаъдаи кишвар водор сохта буданд. На фақат тақдири Тоҷикистон, балки тақдири тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ зери хатар буд. Беҷо намешавад, ки ҳоло аз "Муборизи барҷастаи роҳи сулҳ" ном китоби таърихнигорони шинохтаамон Иброҳим Усмонов ва Маъруф Исоматов иқтибосе биоварем: "Ҷанги ҳамватании мо, аввалан ба несту маҳвшавии халқи тоҷику давлати Тоҷикистон ва сониян, ба гирдоби ҷанги минтақавӣ кашидани тамоми Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздику Миёна таҳдид мекард ва охиран, дар он бархӯрди манфиатҳои давлатҳои хурду бузург мушоҳида мегардид.

*"Мо барои музокирот бо ҳамаи нерӯҳое, ки умеди раҳонидани Тоҷикистонро аз буҳрони сиёсиву иқтисодӣ доранд, омода ҳастем".*

Ва агар ин кори миқёсан хурди дохилии мо, тоҷикон, мебуд, созмонҳои бонуфузи СММ, САҲА, Созмони конфронси исломӣ, давлатҳои муқтадири дунё, чун Русия, Хитой, ИМА, Эрон ба ташвиш намеомаданд. Танҳо дар фосилаи солҳои 1993-1997 Дабири кулли СММ дар ҷаласаҳои ин созмон 17 маротиба доир ба вазъияти Тоҷикистон маърӯза намекарду Раиси Шӯрои амнияти СММ 9 маротиба оиди вазъи нобасомони кишвари мо изҳорот намедод. Ҳамзамон боз 7 маротиба ба унвони Дабири кулли СММ мактуб ирсол намекарданд ва инчунин СММ 5 маротиба доир ба вазъияти Тоҷикистон қатънома қабул намекард. Ҳама асноди СММ аз хусусияти минтақавӣ ва хеле мураккаб доштани ҷанги ҳамватании Тоҷикистон таъкид мекунанд. Аз ин сабаб бо роҳи ба сулҳу ваҳдат, тавофуқу ягонагӣ ва ризоияти миллӣ овардани Тоҷикистон меъмори сулҳи мо нахуст тоҷикону Тоҷикистонро аз хатари фаноёбӣ комилан раҳонид ва ҳамзамон ҳаёти муътадилу зиндагии нисбатан осоишта ва бехатарии бардавомро дар минтақаҳои паҳновари Осиёи Марказӣ таъмин кард. Эҳтимол агар Президент Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи сиёсат намеомаду дар ин мақом кор намекард, чунин сулҳи пойдор ва саодату ягонагӣ ҳам муяссар намешуд Зеро ҳар як сиёсатмадор вобаста ба нерӯи ақлонию корӣ, ҷаҳондорию ҷаҳонбинӣ боз хусусиятҳои хосаи касбие дорад, ки он ба сиёсату кори давлатӣ таъсир мерасонад. Чунин мушаххасот, хушбахтона, дар даҳсолаи охири асри гузашта ба манфиати миллат буд".

Бале, Эмомалӣ Раҳмон ба қатъи ҷанги ҳамватанӣ ва сулҳу оштӣ бо мухолифон собитқадамона камар баста, на фақат осоишу созандагӣ, ободию фаровониро ба мардуми азияткашидаи тоҷик ҳадя кард, балки халқҳои дуру наздики ҳамсояро низ аз хатари нуфузи терроризми байналмилалӣ, ифротгароии тундрави исломӣ ба сарзаминҳошон наҷот бахшид. Вале то ба ин рӯзи мурод, то ба ин ҳадафи наҷибонаро комёб шудан ҳанӯз қариб панҷсола роҳи талошу пофишориҳо, таваккалкуниҳою аз худ гузаштанҳо, бурдҳою бохтҳо, муноқишаҳою муқовиматҳо бо худсариҳои қувваҳои мухталифи манфиатхоҳ дар пеш буд...

Замоне, ки Раиси Шӯрои Олӣ бо ҳайати ҳамроҳонаш, вориди Душанбе шуда, тахти Парчами навини Тоҷикистон ба самти бинои ҳукумат роҳ пеш гирифт ва ба иҷрои вазифа шуруъ кард, бисёр аъзои ҳукумат, вазирон мансабдорони олии давлатӣ ҳанӯз дар пойтахт набуданд. Онҳо пайт мепоиданд, то ба орому бехатар будани вазъи Душанбе боварӣ ҳосил кунанд. Аммо исрору қатъияти Раиси Шӯрои Олӣ водорашон намуд, ки ҳарчи зудтар ба ҷойҳои хеш ҳозир ва аз пайи кор шаванд.

Вазъияти Душанбе албатта, хеле вазнин буд. Дастаҳои мусаллаҳи мухолифин аз натиҷаҳои Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд воқиф шуда, ташвишомез пойтахтро тарк карда, давродаври онро ба муҳосира гирифта буданд. Ҳамаи роҳҳои калон зери назораташон буд ягон чиз бе иҷоза ба шаҳр ворид намешуд. Дар дохил ҳанӯз бархӯрдҳои миёни мухолифин аз як тараф ва фронти халқию нерӯҳои ҳукуматӣ аз тарафи дигар давом доштанд. Шабона аз ҳар гӯшаю канор садои таркиш ба гӯш мерасид. Террор, қатлу куштори одамони ҷонибдори давлат низ кам набуд. Мардум рӯзгори мушкиле ба сар доштанд. Аз умедвориҳо дида, ноумедиҳо бештар буданд. Шумораи аҳолии пойтахт, ки то даргириҳо аз 500 ҳазор зиёд набуд, аз ҳисоби фавҷи фирориён якбора ба як миллион нафар расид. Кӯчаю маҳаллаҳо пурпури бенавоён буданд. Ҳамаи онҳо шабонарӯзӣ назди мағозаҳою корхонаҳои нонпазӣ навбати нонро мепоиданд. Шаҳрдорӣ ба ҳар нафар 300 грамм нон муқаррар карда буд ва он ҳам мувофиқи рӯйхати маҳаллаҳо дода мешуд. Ҳодисаҳое буданд, ки пиронсолону тифлон аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасиданд. Аҳли фарҳанг, донишмандон маҷбур буданд барои пайдо кардани як луқма нон ба муздурӣ, ҳаммолию чаканафурӯшӣ рӯ оваранд.

Рӯзи кори Раиси Шӯрои Олӣ 18 соат давом мекард. Қасри Президент он вақт баъди гирдиҳамоиҳо як ҷойи харобу вайронаеро мемонд. Ҳам ҷойи кор ва ҳам ҷойи хоби Сарвари давлат ҳамин ҷо буд. Вазъияти мазкур се соли расо давом кард ва Роҳбари мамлакат имкони хеле кам дошт, ки бо ҳамсару фарзандони хеш дидор кунанд. Ҳар рӯз камаш чор панҷ маротиба бо кормандони масъули давлату ҳукумат доир ба масъалаҳои мухталифи сиёсию хоҷагӣ машваратҳо доир менамуд. Муҳимтарин масъалаҳои мавриди баррасӣ, албатта, пешгирӣ кардани бархӯрдҳои мусаллаҳона бо мухолифин ва таъмини амнияти шаҳрвандон дастрасии мардум ба маводи озуқа, обу барқ, кори нақлиёту алоқа ба роҳ мондани фаъолияти муассисоти идоракунӣ, мактабу донишгоҳҳо, муассисоти тиббу фарҳанг, вазъ дар шаҳру навоҳӣ ва садҳо мушкилоти дигари амсоли инҳо буданд.

Вале Раиси Шӯрои Олӣ на ҳамеша имкон дошт, ки оромона аз пайи рафъи мушкилоти иқтисодию иҷтимоии кишвар гардад. Масъалаҳои поён додани ҷанг, ба гуфтушунид моил намудани дастаҳои мусаллаҳи мухолифин ва баррасии якҷояи носозгориҳои ҷойдошта пеши чашми роҳбарияти мамлакат ҳамоно чун муҳимтарин ва вазнинтарин вазифаҳо боқӣ монда буданд. Таҳдиду хатарҳо ба ҷони Сарвари давлат зиёд вокеъ мешуданд. Дастаҳои мусаллаҳи бедодгар чандин маротиба бо техникаи зирехпӯш атрофи Ҳукумати мамлакатро иҳота карда, мехостанд ӯро низ зӯран аз вазифа барканор ва ё маҷбур ба иҷрои ғаразҳои нопоки худхоҳонаашон гардонанд. Аммо тирашон хок хӯрд. Эмомалӣ Раҳмон касе набуд, ки тахти фишор ба коре иқдом намояд. Пешаш аз шаҳру ноҳияҳои гуногун шахсони муътабар, пирону солмандон, гурӯҳе бо арзу шикоят, гурӯҳе бо нияти холисонаи Роҳбари мамлакатро аз наздик дидан, гурӯҳе бо бадгӯию таҳрики ягон нафари палид, судҷӯю шӯрангез бисёр меомаданд. Ҳамагӣ қаноатманду миннатдор, бо чеҳраҳои шукуфон аз наздаш берун мешуданд ва ба ақлу заковат, хайрхоҳӣ, самимияту ҷавонмардиаш тан дода, аз тахти дил дуо мекарданд, ки тавфиқ ин пешвои писандидаи халқро ёру мададгор бошад.

Худаш ҳам назди мардум, ба шаҳру ноҳияҳо, ба нуқтаҳои доғ зиёд мерафт. Ба хориҷа сафар карда, бо роҳбарон, ашхоси соҳибобрӯи мамлакатҳои гуногун мулоқотҳо анҷом медод. Ва дар ҳама ҷо мақсаду ниятҳои роҳбарияти нави кишварро шарҳ дода таъкид мекард: "Мо барои музокирот бо ҳамаи нерӯҳое, ки умеди раҳонидани Тоҷикистонро аз буҳрони сиёсиву иқтисодӣ доранд, омода ҳастем".

**Мирзошоҳрух АСРОРӢ,**
*Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон*

*"Аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегӣ ва болоравии иқтисодиёти мо дар шароити кунунии иқтисоди бозоргонӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои автомобилгард барои рафтуомади доимӣ ва кашонидани борҳо дар саросари кишвар мебошад, зеро фақат шоҳроҳҳо метавонанд Тоҷикистони кӯҳиро бо мамлакатҳои дуру наздик бипайванданд. Бе бунёди роҳҳои хуби автомобилгард тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт, ободонии мамлакат ва ваҳдати миллӣ имконнопазир аст."*

**Эмомалӣ РАҲМОН**



# Нақби «Истиқлол» ва мушкилоти доимии он

**Оғоз аз санаи 15 июн ҳаракати нақлиёт тавассути нақб ба танзим даровaрда мешавад. То ин рӯз роҳ ба воситаи ағбаи Анзоб тахту ҳамвор хоҳад шуд.**

Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти таъмиру таҷдиди роҳҳои мавҷуда ва ифтитоҳи роҳҳои наве, ки кишварро бо мамолики ҳамсоя пайваст менамоянд, корҳои бузург ба анҷом расонида шуданд. Агар соли 1996 бо кушода шудани нахустин роҳи мошингузари самти Қулма - Қароқурум Тоҷикистон бо воситаи Ҷумҳурии Халқии Хитой ба олами Шарқ пайваст гардида бошад, соли 2006 бо сӯрох шудани нақби "Истиқлол" шимолу ҷануби мамлакат ба ҳам пайваст гардида, новобаста ба рафти корҳои сохтмонӣ, ки то имрӯз идома дорад, ҳаракати мунтазами нақлиёт мушкилоти ҳамлу нақли бор ва рафтуомади мусофиронро сабук карда тавонист.

Ҳамчуноне аз мудирияти корхонаҳои сохташавандаи Вазорати нақлиёт ба мо иттилоъ доданд, бо омода шудани лоиҳаи нави корҳои азнавбарқароркунӣ айни замон идомаи сохтмони ин иншооти таъмираш ба дарозокашида аз нав ҷараёни тоза пайдо менамояд. Ба иттилои сармуҳандиси Муассисаи давлатии мудирияти корхонаҳои сохташудаистодаи Вазорати нақлиёт Абдуманнон Холиқов баробари омода гардидани лоиҳаи таҷдиди нақб ва ворид гардидани маблағи кофӣ корҳои сохтмонӣ идома ёфта, то ба имрӯз оби аз сақфи нақб ҷоришаванда бо роҳи сементхобонии сақф ва деворҳои паҳлӯии иншоот дар арафаи анҷомёбист. Оби нақби нақлиётӣ ба воситаи қубурхобонӣ ба нақби ҳаводиҳанда гузаронида мешаванд. Новобаста ба он, ки аз нақби ҳаводиҳанда хатти баландшиддати 110 кВт-соат мегузараду тангии нақб ба ҳаракати техника монеа эҷод мекард, ба аҳли заҳмат муяссар гардид, ки дар масофаи 1600 метр лӯлаҳои оҳану асбестӣ барканор ва ба ҷои он ҷӯи сементӣ барқарор карда шавад. Бо дар назардошти он, ки нақби ҳаводиҳанда аз нақби нақлиётӣ баландтар сохта шудаасту дар ҳеҷ вақт об ба он ҷорӣ шуда наметавонист, коргаронро лозим омад, ки лотокҳои обҷоришавандаро аз 50 сантиметр то 1, 5 метр пасттар хобонанд. Ин дар ҳолест, ки тамбашавии нақлиёт қариб ҳар рӯз ба фаъолияти аҳли заҳмат монеа эҷод менамуд.

Имрӯз ин мушкилӣ паси сар аст. Вале идомаи корҳои сохтмонию азнавбарқароркунӣ пешгирӣ кардани ҳаракати нақлиётро хоҳу ноҳоҳ тақозо менамояд, таъкид менамояд, А. Холиқов. Дар нахуст нақша доштем, ки бо фаъол гардидани ҳаракат ба воситаи ағбаи Анзоб рафтуомади нақлиётро тавассути нақб ба тамом қатъ намоем, вале зарурияти ҳаракати нақлиёти боркашони калонҳаҷм, ки молу маҳсулот тавассути онҳо кашонида мешавад, водор намуд, ки ҳаракати нақлиёт ба воситаи нақб ба танзим даровaрда шавад. Яъне оғоз аз санаи 15 июн ҳаракати нақлиёт дар як шабонарӯз танҳо аз як ҷониб бо навбат аз шимол ба ҷануб ва баръаск аз соати 10 шаб то 6 саҳар ба роҳ монда мешавад.

Қарор аст, ки аз ҷануб дар мавзеъҳои Майхӯра ва Панҷхок дар шимол бошад, дар Такфону Зимарғ постҳои доимоамалкунадаи БДА мустақар шуда, ҳаракати нақлиёт то ба итмом расонидани сементхобонӣ ба танзим даровaрда мешаванд. Шояд хонанда мепурсад, ки чаро аз соати 10 -и шаб то 6-и пагоҳӣ. Гап сари он меравад, ки ҳарчанд сементхобонии сақфу деворҳои нақб амали дақиқи сохтмончиёнро тақозо мекарду дуду гази аз ҳаракати нақлиёт ба вуҷудомада ба пешрафти фаъолият монеаи ҷиддӣ дошт, имкони ҳаракати нақлиёт шабонарӯз фароҳам буд. Минбаъд тахту ҳамвор кардани даромадгоҳи 26 адад дастак, ба нақби ҳаводиҳанда равона кардани об



**Абдуманнон ХОЛИҚОВ,**
***сармуҳандиси Муассисаи давлатии мудирияти корхонаҳои сохташудаистодаи Вазорати нақлиёт***

дар дастакҳои 5 ва 12-ум, пешгирӣ кардани обҳои аз сақф шоранда ва билохира тахту ҳамвор кардани роҳу бастани арматураҳо, хобонидани семент зарурият пеш меоварад, ки мавзеи корӣ аз ҳаракати ҳама гуна нақлиёт холӣ бошад. Барои ба ҷо овардани ин амалҳо аҳли заҳмат ба чор бригада ҷудо ва кор дар ду баст ба роҳ монда шудааст. Гумон дорам, ки мушкилоти ҳаракати нақлиёт як-яку ним моҳ аст, зеро бо сементпӯш карда шудани як ҷониби роҳ имконияти ба тезӣ аз нақб убур кардани нақлиётро фароҳам сохта, эҷоди монеа ба фаъолияти аҳли заҳмат камтар хоҳад шуд. Ва ногуфта намонад, ки фаъолияти аҳли заҳмат дар самти азнавбарқароркунӣ ва пешгирии оби аз сақф равоншаванда боиси таҳсин аст,- бо қаноатмандӣ мегӯяд, мутахассиси соҳа ва илова менамояд, ки барои аз нав бетонпӯш кардани роҳи даруни нақб малакаи кофии коргаронро тақозо менамояд, зеро мебояд аз 20 то 50 сантиметр семент хобонида шавад, то роҳ тахту ҳамвор гардад. Ҳарчанд ҳаракати нақлиёти гаронбор аз паҳлӯи роҳи навсементпӯш гардида, бетаъсир нест, илоҷи дигаре надорем.

Масолеҳи сохтмонӣ аз куҷо дастрас карда мешавад, пурсон шудем аз сармуҳандис. Номбурда дар ҷавоб посух дод, ки сангу шағали истифодашаванда аз санҷиши лабораторӣ баҳои қаноатбахш гирифта, семент аз корхонаи истеҳсолии Душанбе, арматура аз Федератсияи Русия ворид карда мешавад. Ман аминам, ки дар ин кор ба саҳлангорӣ роҳ дода нашуда, вазифаи дар назди мо, сохтмончиён, гузоштаи мақомоти болоӣ бо сарбаландӣ ба иҷро расонида мешавад. Яъне баъди таъмир роҳи нақб ҷавобгӯй ба талабот хоҳад буд.

Сохтори ҳавокашӣ, рӯшноӣ ва зиддисӯхтории нақб низ баъди таъмири роҳ насб хоҳанд шуд. Барои ин амал лоиҳаи алоҳида мураттаб гардида, мавриди санҷиш қарор дорад. Ба саволи мо, ки лоиҳаи зикршуда аз ҷониби кадом ширкат омода карда мешавад, А. Холиқов посух дод, ки системаи рӯшноӣ, оташхомӯшкунӣ ва ҳавокашӣ аз тарафи ширкати муштараки "Тоҷик- Кон" Эрон ва ҷалби мутахассисони испанӣ ба ҷо оварда шуда, 48 ҳавокашаки он барои 20-30 соли оянда пешбинӣ мешавад. Системаи оташхомӯшкунӣ ва чароғонкунии андаруни нақб низ ҷавобгӯ ба талаботи муосир буда арзиши лоиҳа 7, 5 миллион доллари амрикоиро талаб мекунад.

Ба ёд меояд, ки ҳанӯз 24 июни соли 2009 бо фармони вазири вақти нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳим Ашӯр бо мақсади ба итмом расонидани корҳои торкрети файберӣ ва фарши нақби Истиқлол "Оид ба қатъ намудани ҳаракати нақлиёт тариқи нақби Истиқлол" фармон интишор шуда буд ва муҳлати ба истифода дода шудани иншоот то моҳи октябри ҳамон сол муайян гардида буд. Гузашти вақт собит кард, ки дар ин сана ба то имрӯз ин амал ба ҷо наомад. Тасодуфро бинед, ки имсол низ то ҳамин сана итмоми корҳои сементхобонии фарши нақби "Истиқлол" дар назар дошта шудааст. Шояд ин дафъа нақшаҳо амалӣ мешаванд? Ва ё мисли ҳарсола ин ғори бетак маблағҳои ҳангуфтро боз фурӯ хоҳад бурд.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

P.S.: ***Бо фаъол гардидани ҳаракати нақлиёт тавассути роҳи ағбаи Анзоб як навъ бахт ба рӯи сокинони деҳаҳои Марзичу Анзоб, Маргебу деҳоти дигари водии Ягноб хандид, зеро баъди мавриди истифода қарор гирифтани нақби "Истиқлол" таъмири ин роҳи замоне аҳамияти умумиҷумҳуриявӣ дошта ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта, қариб буд, ки мансух эълон шавад.***





# Офати табиӣ дар Исфара

**Бар асари сел ва фаромадани тарма соати 07. 40 дақиқаи санаи 7 июни соли 2015, дар саргаҳи шохоби Карафшини дарёи Исфара, воқеъ дар қисмати ҷанубии деҳаи Ворух, 30 километр болотар аз маҳалли аҳолинишин, обхезӣ ба вуҷуд омад.**

**Бо мақсади саривақт бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ таҳти сарварии раиси шаҳр Зоҳидзода Даврони Абдуқодир фавран ситоди корӣ таъсис ёфта, масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр якҷоя бо хадамоту сохторҳои марбута ва ҷалби техникаҳои зарурӣ ба маҳалҳои осебдида сафарбар карда шуданд.**

**Бино ба маълумоти мутахассисон, сатҳи оби дарёи Исфара то 200 мукааб метр баланд рафта, дар натиҷаи обхезии ғайричашмдошт, ки сокинон тайи ду даҳсолаи охир шабеҳашро дар хотир надоранд, 6 кӯпруки дохилихоҷагии деҳоти Ворух, Сурх ва пули марказии деҳаи Чоркӯҳ вайрон гардид. Беш аз 30 гектар киштзор дар минтақаҳои наздисоҳилии деҳоти Ворух, Чоркӯҳ, Сурх, Хонобод ва Нафтобод обшуставу валангор шудаанд.**



**Ба иллати обхезӣ 14 адад саргаҳу сарobгири каналҳои обрасони 5 деҳот ва шаҳри Исфара вайрон гардида, дар масофаи аз 100 то 2000 метрӣ, дар маҷмӯъ ба дарозои 12,8 километр каналҳои ирригатсионӣ бо лойқаву шағал ва обовардҳо пур шудаанд.**

**Обхезӣ ҳамчунон боиси осеб дидани пойгоҳи хатти баландшиддати барқии 35 кВ-и зеристгоҳҳои "Октябр" ва деҳкадаи Ворух, канда шудани ноқилҳо ва қатъ гардидани интиқоли барқ ба деҳа гардид.**

**Бо мусоидати роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр интиқоли нерӯи барқ барои иншоотҳои ҳаётан муҳими деҳаи Ворух тавассути хати алоҳидаи барқ аз ноҳияи Боткон роҳандозӣ гардид.**

**Дар як вақт корҳои таъмиру васлкунӣ ва барқароркунии хатти баландшиддати барқӣ муташаккилона сурат гирифта, таъминоти мунтазаму бефосилаи сокинони деҳаи Ворух бо қувваи барқ соати 14. 00-и рӯзи 8 июн шурӯъ гашт.**

**Хушбахтона, ба шарофати саривақт огоҳонидани аҳоливу хоҷагидорон ва аз маҳалҳои осебпазири наздисоҳилӣ берун бурдани сокинон талафоти ҷонӣ ба миён наомадааст.**

**Ҳаҷми умумии зарари ба аҳолӣ ва хоҷагии халқи шаҳру деҳоти Исфара расида, аз ҷониби комиссияи салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад.**

**М.МАҚСУДОВ**

Авзои ҷаҳон

# АФҒОНИСТОН, ТЕРРОРИСТОН ВА ОСИЁИ МИЁНА

**То кадом андоза бехатарии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муносибати рӯйдодҳои охири Шарқи Наздик ва Афғонистон таъмин аст? Дар ҳоли афзоиши аъзо ва гуруҳҳои нави террористӣ дар кишвари ҳамсоя чӣ мебояд кард?**

**"Ба Афғонистон дар мубориза алайҳи терроризм кӯмак расонед",** - хоҳиш намуд вазири корҳои хориҷии Афғонистон Салоҳуддин Раббонӣ аз кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай. Тавре ӯ дар **"Конфронси байналмилалии бехатарӣ ва субот дар минтақаи СҲШ"** таъкид сохт, таҳдиди онҳо ба саросари кишвар равона нест, вале мушкилоти сатҳи болотар аз онро доранд ва ҳамкориву ҳамоҳангсозии мамолики ҳамсояро талаб мекунад.

Асоси маърӯзаи ӯро фаъолияти ташкилотҳои террористии Осиёи Марказӣ ташкил дод. Зимни он Раббонӣ ҳаракатҳои толибон, аз ҷумла, қаноти покистонии он, гурӯҳи **Ҳаққонӣ, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, ал-Қойида** ва **"Давлати исломӣ"**-ро ном бурда, ёдовар шуд, ки онҳо ба дигар кишварҳо нақшаи ҳуҷум тарҳрезӣ мекунанд ва нерӯҳои афғон пеши онро гирифта, дар ҷабҳаи аввали мубориза қарор гирифтаанд. Вазир ба намояндагони кишварҳои СҲШ гуфт, ки Афғонистон имкон надорад дар танҳоӣ алайҳи терроризм истодагарӣ намояд ва ҳоло айни вақт аст, ки бар зидди ин хатар дастаҷамъона амал намоянд.

Дар навбати худ сарвари ВКХ Русия Сергей Лавров зикр намуд, ки эҳёи сулҳи Афғонистон масъалаи муҳимтарини минтақа буда, хатари рӯзафзуни нерӯҳои "Давлати исломӣ" ҳамкории сиёсии мамолики минтақаро алайҳи терроризм ва қочоқи нашъа талаб мекунад.

Нигоҳи сатҳӣ ба воқеаҳои дохили Афғонистон кофист, ки то кадом андоза саҳеҳ будани ин гуфтаҳо равшан гардад:

Дар ҳудуди Чак музофоти марказии Вардак 3 июн ҷангиёни толибон ба нуқтаҳои назоратии пулиси маҳаллӣ ҳамла оварданд, вале ҳуҷум баргардонда шуд. Дар натиҷа 12 нафар куштаву 22 нафар захмӣ шуданд. Аз ҷониби пулис касе зарар надид. Дар низои навбатӣ дар ҷануби минтақаи Урузгон боз 10 нафар толибон безарар гардонда шуданд.

Санаи 4-уми июн дар шарқи музофоти Нангарҳори Афғонистон ҷангиёни "Давлати исломӣ" чандин нафар ҷонибдорони ҳаракати "Толибон"-ро кушта, манзили сарварони онҳоро оташ заданд. Тибқи маълумот, онҳо қаблан толибонро рабуда, сипас қатл кардаанд.

Низоъ байни ҷангиёни толибон ва "ДИ" инчунин, дар музофоти Фараҳ низ идома дорад. Чанде пеш аз ин куштор хабар расида буд, ки як гурӯҳи ҷангиёни "ДИ" ба ҷониби толибон гузаштаанд. Ва шояд авҷи сӯиқасди "ДИ" посух ба ин ҳолат бошад. Низоъ байни гурӯҳҳои зиддидавлатӣ бо пирӯзии тарафайн идома меёбад ва талафоти толибон метавонад онҳоро ба амалиёти густурда таҳрик диҳад. Дар қисми ҷанубии музофоти Урузгон 6 июн автомобили сокинони осоишта дар мина таркид ва дар натиҷа 6 нафар ҳалок шуданд. Дар байни онҳо як нафар зан низ буд. Дар давоми ду рӯзи 5-6 июн ин севумин ҳодисаи тарконидани нақлиёт дар кишвар мебошад. Қаблан ҳангоми дар мина таркидани мошинҳо дар музофоти Қандаҳор 6 ва Ғазнӣ 7 нафар ҳалок гашта буданд.

Мутаассифона, чанд нафар ҷавонони тоҷикистонӣ ҳам ба гурӯҳҳои террористӣ дохил шудаанд ва дар низоъҳои ҳудуди Афғонистон, аз ҷумла дар атрофи Қундуз чанде аз онон ҳамроҳи аъзои Ҳаракати исломии Ӯзбекистон ва ғайра нобуд карда шудаанд.

Аз байни кишварҳои ИДМ Тоҷикистон низ дар хати пеши ин чабҳа истода, марзи дурудароз ва дар минтақаи кӯҳсор ҷойгирифтаи он айни замон марзи кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ва давлатҳои собиқ шӯравӣ мебошад.

Дар ин маврид барои Тоҷикистон мустаҳкам намудани марзи1400 -километра ва таҳкими нерӯҳои амниятӣ зарур аст. Ин масъала ҳамеша дар маркази диққати ҳукумат мебошад. Машқи муштараки давлатҳои аъзои амнияти дастаҷамъӣ, ки чанде қабл барпо шуд, нишон дод, ки имкони ҳамкории муваффақона дар ин самт имконпазир аст. Дар машқҳои муштарак 2500 сарбоз, техникаи ҳарбӣ ва тайёраҳо аз **Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Русия** ва **Тоҷикистон** ширкат намуданд.

Директори департаменти сеюми кишварҳои ИДМ ВКХ Русия **Александр Стерник** эълом дошта аст, ки аз ҷониби ОДКБ ба Тоҷикистон кӯмаки зарурӣ расонида мешавад. Махсусан, мустаҳкам намудани марз аҳамияти аввалдараҷа дорад. Қаблан дабири кулли ОДКБ **Николай Бордюжа** ҳам изҳорот дода буд, ки ба Тоҷикистон дар ду самт - такмили техника ва коркарди барномаи байнидавлатӣ оид ба мустаҳкам кардани марз мадад расонида мешавад:.

Сафири Русия дар Тоҷикистон **И.Лякин-Фролов** бар он аст, ки низоъҳои тезутундшудаи гуруҳҳои террористии шимоли Афғонистон метавонад аз марзи кишвар гузарад. Ин ҳолат масъулияти пойгоҳи низомии дивизияи 201-уми Русия дар Тоҷикистонро бештар менамояд ва айни замон ҳайати шахсии он дар ҳамоҳангӣ бо ҳамкасбони тоҷикистонии худ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои гузоштаи роҳбарияти олии кишварҳояшон баромада метавонанд.

Коршиносон ба нерӯҳои ҳарбии ҷумҳурӣ ва шарикони стратегии мо бовар доранд. Вале такомули техникӣ пайваста бояд сурат гирад. Тибқи мувофиқа байни Русия ва Тоҷикистон вай бояд барои мукаммалгардонии техникаи ҳарбии артиши Тоҷикистон ба маблағи 200 млн. доллари ИМА кӯмак расонад, вале бо сабабҳои маълуми бuҳрони ҷаҳонӣ дар ин самт пешравии назаррас нест. Ба ҳар оина, хатари гурӯҳҳои террористӣ дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад ва ҳар иқдом метавонад дар самти пешгирии он саҳми муассир гузорад.

**Ҷ.ҚУДДУС**





# «ДАВЛАТИ ИСЛОМИИ ИРОҚУ ШОМ»

## ВА ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ОН ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

### МУНОСИБАТИ "ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ" БО КУРДҲО

**РӮЗНОМАНИГОРОНИ** сатҳи ҷаҳонӣ мухолифатҳои абарқудратон ва баъзе аз кишварҳои минтақа, набудани истиқлолияти иқтисодӣ ва ғайраро ҳамчун монеаҳои асосӣ барои ба даст овардани истиқлолияти курдҳои Ироқ ба қалам додаанд.

Ҳанӯз се сол қабл (дар соли 2012) Маҳмуд Борзонӣ раиси Курдистони Ироқ, дар арафаи шиддат гирифтани ихтилофот байни курдҳо ва давлати марказии Ироқ, пешниҳод карда буд, ки референдуми саросарӣ доир баояндаи курдҳо гузаронида шавад. Аз он замон шурӯъ карда М.Борзонӣ борҳо масъалаи таъйини сарнавишти курдҳо ва эҳтимолан ташкили як давлати курдиро таъкид мекард.

Курдистони Ироқ беш аз 20 сол аст, ки дорои давлат ва парламент буда, бо кишварҳои асосии ҷаҳон қарордодҳои сиёсӣ дорад ва дорои таҷрибаи равобити дипломатӣ мебошад. Гузашта аз ин, Курдистони Ироқ тавонистааст дар муддати 10 соли охир нафту гази худро тавлид ва содир кунад. Вай дорои захираҳои азими нафту газ буда, бо ҳамсоягони худ, хусусан бо Туркия робитаи хуб дорад. Дар замони ҳозира барои ташкили як давлати мустақили курдӣ дар Ироқ беҳтарин шароит мебошад.

Лекин воқеияти рӯз вобаста ба ҳузури гурӯҳи "Давлати исломӣ" дар Ироқ ва аз самти Бағдод ба сӯи Курдистон рӯй овардани ин давлат бисёр нақшаҳоро дигар хоҳад кард. Курдҳои ироқӣ, ки дар ибтидо хориҷ шудани артиши Ироқро барои суръат бахшидан ба раванди истиқлол зарур мешумориданд ва таъкид мекарданд, ки "Давлати исломӣ" моддаи 140 Конститутсияи Ироқро доир ба таъйини сарнавишти минтақаҳои мавриди мунoқиша иҷро кардааст, ҳоло бошад аз ин фикрашон боз гаштаанд. Вуҷуди "Давлати исломӣ" ҳар лаҳза таҳдиде бар курдҳоро фароҳам хоҳад овард.

Ҳоло замони муносибе барои гузаронидани референдум нест, зеро "Давлати исломӣ" як таҳдиди ҷиддӣ ва воқеӣ ба озодии Курдистон мебошад.

Хулоса, имрӯз бархе аз муҳаққиқони ҷомеашинос кӯшишҳои онро доранд, стратегияи минтақаҳо ва давлатҳоро барои панҷоҳ ва сад соли оянда муайян созанд. Ин аз нигоҳи илмҳои ҷомеашиносӣ ғайриимкон мебошад, барои инсонҳо, ки нисбатан умри кӯтоҳ мебинад зарур аст, ки дурнамои стратегияи ҳар воқеаро дар доираи як даҳсола, ки барои ин ё он давраи ҳаёти воқеии инсон пешбинӣ карда шудааст, таҳлил намуд.

Воқеияти имрӯза ин аст, ки ҳар кадом воқеаҳои бунёдие, ки дар сатҳи ин ё он давлат ва ё минтақа ба вуҷуд меоянд, ҳатман дар онҳо касе даст дорад ва марбут ба бозиҳои пуштипардагии абарқудратон мебошанд. Таҳлили падидаҳо ва зуҳуроти сиёсӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки низоми ҷаҳони имрӯза дар атрофи манфиатҳо ва бозиҳои ин давлатҳо давр мехӯрад.

Ҳанӯз таи даҳсолаҳои аввали аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ ва лагери сотсиализм Америка ягона давлати глобалӣ маҳсуб мегашт ва ҷаҳон нисбат ба имрӯз ба андозае оромтар буд. Дар ин давр аз нигоҳи масъалаҳои амниятии Америка Ироқ ва кишварҳои Балкан на ҳамчун як хатари ҷиддӣ, балки "дарди сар"-и навбатӣ буданд. Америка ҳамчун ягона давлати глобалӣ бояд стратегияиояндаи ҷаҳонро тарҳрезӣ мекард, зеро тамоми давлатҳои дунё бузургии Америкаро қабул доштанд. Лекин Америка, ки гирифтори маразӣ "эйфория" шуда буд, ин корро анҷом дода натавонист ва имрӯз ҷаҳон ба куллӣ сурати худро тағйир додааст, Шарқи Наздик дар гирдоби ҷанг, Украина ва даҳҳо кишварҳои дигар ба хоку хун оғушта шуданд. Дунёро саросар террор зер кардааст.

Бисёре аз кишварҳо имрӯз Америка ва Россияро давлатҳои хатарнок медонанд. Америка ба хусус дар замони Ҷорҷ Буши - хурдӣ ва Барак Обама стратегияи амиқи худро, ки дар асри XX ба он такя мекард ва онро аз таҷрубаи давлатдории Руми қадим ва Империяи Британия касб карда буд, аз даст дод. Ин ду президенти охирӣ даст ба иғво зада, ҳадафҳои амалиношавандаеро дар назди худ ва ҷомеаи башарӣ гузоштанд ва проблемаҳои сатҳи ҷаҳониро дар доираи диди бебунёд ва ғалату беасос мавриди баррасӣ қарор доданд, ки боиси заъифии Америка гашта, бисёр давлатҳои бозингари сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавиро аз вай дур сохтанд.

Баъд аз фурӯпошии давлати Шуравӣ Америка ғайри ихтиёри худ ва бидуни дарки умқи масъала аз стратегияе, ки барои нигоҳ доштани тавозуни кишварҳои бузург равона шуда буд, барои дар даст нигоҳ доштани кишварҳои минтақавӣ истифода бурд. Вай дар фосилаи байни солҳои 1991-2001 ба хоки панҷ кишвар - Қувайт, Сомалӣ, Гаити (Ҳаити), Босния ва Югославия (Сербия) қушунҳои худро ворид сохт.

Ба қавли коршиносони низомӣ аз нигоҳи тактика ва стратегияи ҳарбӣ қисмати аъзами ин амалиётҳои ҳарбӣ нобарор буданд. Ҳадафи мустақими роҳбарияти Америка аз ин амалиётҳо ба вуҷуд овардани бесарусомониҳо ва дар муқобили якдигар қарор додани давлатҳое, ки мақсади гегемони минтақавӣ шуданро дар сар доштанд, ба ҳисоб мерафт.

Аммо баъд аз 11-уми сентябри соли 2001 Америка дар мубориза ба муқобили терроризм ба касалии бузургманишинӣ гирифтор шуда, пурра диди худро доир ба усулҳои стратегии дарозмуддат ва сиёсати ботавозун аз даст дод. Ба сифати алтернативӣ Америка мақсаду ҳадафи стратегии нав, вале амалинашавандаеро дар шакли пурра аз байн бурдани хатарҳои террористӣ ба миён гузошт. Сарчашмаву бунёди асосии ин хатарҳо "ал-Қоида", ки зодаву парвардаи сохторҳои ҷосусии Америка буд, маҳсуб мегашт. Вай низ дар назди худ ҳадафи дастнорас, вале тасаввуршавандаеро, ки он ҳам барқарор кардани хилофати исломӣ буд, гузошт. Стратегияи асосӣ ва бунёдии "ал-Қоида" ин аз байн бурдани ҳукуматҳои мусулмоние ба ҳисоб меравад, ки роҳбарияти онҳо аз нигоҳи ин ҷунбиши ифротгаро унсурҳои ғайриисломӣ мебошанд. "Ал-Қоида" дар моҳи сентябри соли 2001 тасмим гирифт то дар амал исбот созад, ки Америка низ чандон кишвари пурқудрат ва бузурге нест, ки дар назар менамояд.

Дар ҷавоб ба ҳамин зарбаҳои "ал-Қоида" Америка бо қувваи зурӣ ва қудрати низомӣ ба хоки Афғонистону Ироқ ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик ворид шуд, то қасоси миллати худро гирад. Аммо ба ҳадафҳои эълонкардаи худ, яъне пурра ва бебозгашт аз байн бурдани хатарҳои терроризм муваффақ нашуд.

Иллаташ дар он буд, ки баъд аз ҳуҷуми "ал-Қоида" дар таърихи 11 сентябри соли 2001 Президенти Америка Ҷорҷ Буши хурдӣ бидуни омӯзиши амиқ ва дарки масъала даъват ба ҷанги глобалӣ алайҳи террор кард. Агар вай ҷанги худро бо исломи радикалӣ эълон мекард, дар он сурат шариконӣ боэътимоди вай дар олами ислом ҳатман аз ӯ рӯй мегардониданд. Вале ҷанг ба муқобили террор сиёсати Бушро ба ғалатфаҳмиҳо ва печидагиҳои сиёсиву стратегӣ рӯ ба рӯ сохт.

Ҳамин ғалатфаҳмиҳои Ҷорҷ Буши хурдӣ ва бемасъулиятии ӯ ва дастгоҳи кориаш сабаб шуд, ки ҷаҳон пурра ба қувваи нав ва ҷанги сохти дигаре даст ба гиребон шавад, ки таърихи башарият онро ёд надошт. Имрӯз на Америка ва на кишвари дигаре қудрату нерӯи онро надорад, ки пеши роҳи ҷанги глобалии муосирро, ки дар либоси терроризм зуҳур кардааст, гирад, зеро барои ин зарурат пеш меояд, ки фаъолияти якчанд миллион одамонеро, ки дар саросари ҷаҳон пароканда мебошанд, мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Танҳо хоҳиши нест кардани терроризм маънеи онро надорад, ки кишваре ва ё давлатҳое метавонанд ба ин ҳадаф расанд. Байни хоҳиш ва воқеият фосилаи бузурге аст.

Ҳамин бемасъулиятҳои Ҷорҷ Буши хурдӣ ва Барак Обама президентиояндаи Америкаро маҷбур месозад, ки дар муддати даҳ соли оянда ба масъалаҳои барқарории ҷойю мақоми аз даст додаи ин кишвар машғул шавад. Аз Баҳри Миёназамин то Ҳиндукуш дар муддати 50 соли охир се нерӯи мувозинакунандаи маҳаллӣ вуҷуд дошт: Арабҳо ва Исроил, Ҳиндустону Покистон, Эрону Ироқ. Дар минтақа воқеияти наве зуҳур кардааст, ки аз он набояд чашм пӯшид. Покистон, ки дар натиҷаи ҷанги тӯлонии Афғонистон хеле заъиф шудааст, дигар "жандарми минтақа" набуда, дар муқобили Ҳинд истодагарӣ карда наметавонад. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки баъд аз пора шудани давлатҳои Ироқ ва Сурия Эрон новобаста аз хоҳиши Америка ва Исроил пурқудраттарин қувваи низомӣ дар минтақаи халиҷи Форс шуд. Дар моҳи марти соли ҷорӣ рӯй овардани давлатҳои шашгона ба Эрон дар атрофи масъалаи силоҳи ҳастаӣ ва роҳҳои берун сохтани ин кишвар аз таҳримҳои иқтисодӣ, аз ҷониби Русия таҷдиди назар кардани қарордод дар хусуси фурӯши силоҳи зиддиҳавоии ("С-300") бе сабаб нест.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, замоне ки Америка бартарияти бузург ба даст овард, Москва на танҳо дар дохили ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ, балки дар дохили Русия назоратро аз даст дод.

Дар замони зимомдорӣ ва қудрати В.Путин, Русия мавқеи худро дар ҷаҳони муосир бо тадриҷ пайдор сохт. Америка, ки пойбанди даргириҳо дар Афғонистону Ироқ гашта, миллиардҳо долларро аз буҷаи давлатӣ ба бод партофта буд, дигар наметавонист ва қудрати онро надошт, ки пеши роҳи эҳёи Русия ва барқарор кардани таъсири онро дар саросари ҷаҳон гирад. Ҳатто имкони онро надошт, ки ба Русия таҳдид кунад, то садде дар қудратталабии ин кишвар ба вуҷуд орад. Дар натиҷаи ин иштибоҳоти худ Америка имконият дод Русия ба кишвари пурқудрати минтақавӣ табдил ёбад. Аз нигоҳи геостратегӣ ҳадафҳои Русия бо мақсадҳои Америка гуногун буда, Русия барои бозиҳои бузургтаре омода гаштааст, ки таъсири худро ба Аврупо ва Шарқи Миёнаву Наздик гузорад.

Эҳёи Русия ва мутамарказ шудани он дар доираи ҳадафҳои хоси стратегияш нисбат ба Ғарб хатарҳои зиёдеро дар худ ғунҷонидааст. Иттиҳоди Аврупо яке аз бозингарони дигари минтақа аст, ки аз нигоҳи манфиатҳои Америка мақоми дуввумро ишғол менамояд. Дар даврони аввали марҳилаи таъсиси худ Иттиҳоди Аврупо ба мисли Америка худро давлати абарқудрат ҳис мекард, аммо баъд аз буҳрони иқтисодии ҷаҳонии соли 2008, ки дар низоми иқтисоди давлатҳои Аврупои Ҷанубӣ (Италия, Испания, Португалия ва Юнон) як силсила буҳронҳоро ба бор овард, Иттиҳоди Аврупо ба хубӣ заъфу камбудиҳои сохтории худро дарк намуд. Олмон, ки дар доираи ин Иттиҳод пурқувваттарин локомотиви иқтисодӣ маҳсуб мегашт, дар натиҷаи ин буҳрон бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ шуд. Аз таъсис ва шомил шудан ба Иттиҳоди Аврупо ҳеҷ фоидаи бузургеро ба даст наовардааст. Яке аз нуқтаҳои муҳим дар сиёсати иқтисодӣ ва хориҷии Германия ин аст, ки иқтисоди вай ҳамеша пойбанди содироти гази Русия мебошад. Эъломи таҳримҳои иқтисодии Америка баъд аз воқеаҳои Украина ин масъаларо хеле возеху равшан сохт. Русия дар навбати худ ба технологияи муосир зарурат дорад, ки он дар Олмон зиёд аст. Дар ниҳоят Олмон ба сармояи инсонӣ талаботи калон дорад ва онро бояд ашхосе ташкил диҳад, ки ҳангоми зист дар ин кишвар мушкилиҳои иҷтимоиро ба вуҷуд наоранд.

Давлати Чин низ дар ин равандҳо шомил буда, нисбат ба стратегияи пешгирифтаи худ таваҷҷуҳи хосро тақозо дорад. Муносибати чандон нохубе, ки америкоиҳо нисбат ба тавсеаталабии иқтисодиёти Чин дар ҷаҳон доранд, дар солҳои наздик бо расидани иқтисодиёти Чин ба марҳилаи олии рушди худ муносибати Америка дигар хоҳад шуд. Дар солҳои наздик кӯшишҳои наздикшавии Америка бо Япония зиёд мешавад. Ин кишвар аз нигоҳи қудрати иқтисодӣ мақоми севвумро ишғол мекунад ва дорои неруҳои низомӣ-баҳрии минтақа маҳсуб меёбад.

Таҳлилҳои масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳони муосир нишон медиҳанд, ки даҳ соли оянда барои ҷаҳон марҳилаи хеле пурфоҷеа ва мушкил хоҳад буд. Ин аз Америка як силсила гузаштҳоро тақозо менамояд, Б.Обама бо Куба, ки беш аз ним аср иртиботе надошт, ба мақсади дубора роҳ наёфтани Русия дар ин кишвар як силсила қарордодҳоро ба имзо расонд. Қарордод шашгона бо Эрон, ки дар сафи пеш Америка қарор дорад, барои ин кишвар имконоти наверо ба вуҷуд хоҳад овард. Қудрати Америка - қудрати бунёдӣ буда, дар доираи меъёрҳои фарҳангӣ ва ахлоқии ин кишвар, ки тарзи истифодаи қувва ва ташаккулли низомро фаро гирифтаанд, бунёдгузорӣ шудаанд. Дар муқоиса Аврупо низ дорои қудрати бузурги иқтисодӣ мебошад, аммо аз нигоҳи низомӣ (ҳарбӣ) нисбат ба Америка, Русия ва баъзе давлатҳои дигар ба маротиб заъиф аст. Имрӯз дар Америка ҷумҳурихоҳон ва демократҳо ба хулосае омаданд, ки роҳи наҷоти Америка дар он зоҳир мегардад, ки бояд аз роҳбарии қудрати глобалӣ даст кашад.

Ҳоло вазъият дар ҷаҳон хеле ногувор ва ғайри қобили пешгӯӣ буда, роҳи ҳалли дигарро тақозо менамояд.

Сабаби асосии пешравӣ ва шукуфоии Америка ин истифодаи оқилонаи дороиҳои худ мебошад. Барои мисол дар доираи сиёсати инвеститсионии ҷаҳонӣ Америка дар ҷои аввал қарор дошта, бузургтарин сарчашмаи қарздиҳандаи ҷаҳон мебошад ва дар муқоиса бо он саҳми Чин танҳо 4,1% қарзи ҷаҳониро ташкил медиҳад. Имрӯз зарурати он расидааст, ки Америка на дар танҳоӣ аз ҳисоби кишварҳои дигар рушд кунад ва давлатҳои дигарро бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ, низомӣ ва сиёсӣ таҳти таъсири ҳамешагии худ қарор диҳад.

Имрӯз дар Шарқи Миёна ва дигар минтақаҳои ҷаҳон ҷангу даргириҳо, "ДИИШ", "Толибон", "Салафия", "Акрамия", "Ҷунбиши исломии Ӯзбекистон" ва садҳо ҳаракату ҷунбишҳои дигари ифротгароёна зуҳур кардаанд, ки иллаташ дар низоми идора нашудани ҳамин қувваи харобиовари ИМА аст.

**Абдувоҳид ШАМОЛОВ,**
*профессор*

**Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода ахиран гуфт, ки феълан дар сафи созмону гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар қаламрави Ироқу Сурия 384 шаҳрванди Тоҷикистон қарор доранд, ки 40 нафари онҳоро оилаҳояшон ҳамроҳӣ мекунанд. Ин рақам рӯ ба афзоиш аст, чун дар аввалҳои соли ҷорӣ ин шумора 200 нафар гуфта мешуд. То имрӯз дар Тоҷикистон нисбати 150 нафар, ки дар Ироқу Сурия меҷанганд, парвандаҳои ҷиноӣ боз шудааст.**

# ВАЗЪИ ИФРОТГАРО...

## НИГОҲЕ А...

**Аммо** ВКД хабар дод, ки ҷавононе, ки аз гумроҳӣ дар дарги риҳои мусаллаҳонаи Сурия, Ироқ ва дигар давлатҳо иштирок намуда, бисёре аз онҳо пушаймон шуда ба Туркия ё дигар кишвар баргаштаанд, метавонанд ба хонаҳои худ ихтиёран бозпас оянд. ВКД дар сомонаи расмии худ навиштааст, ки "шахсони зикргардида аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озоданд. Мақомоти корҳои дохилӣ омода аст, ки барои баргардондани онҳо ҳамаҷониба кӯмак расонад".

### САРЧАШМАҲО ВА МИҚЁСИ ХАТАРИ ИФРОТГАРОӢ

Дар воқеъ, ба майдон омадани гурӯҳу созмонҳои мамнӯи ифротию террористӣ, аз назорат дур мондани муҳтавои шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ, истифода аз усулҳои номуассири татбиқи идеологияи давлатӣ дар сатҳи маҳалҳо, фаъолияти заифи аксар ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бекорӣ аз силсилаи масъалаҳое ҳастанд, ки амнияти миллӣ ва идеологии кишвари моро зери хатар мебаранд.

Агар 5 сол қабл мақомоти ҳифзи ҳуқуқи вилояти Хатлон дар робита ба ҷиноятҳои ифротгароию террористӣ бештар аз ҳаракату гурӯҳҳои созмонёфтаи "Ҳизбуттаҳрир", "Ҷамоати таблиғ", "Салафия" ном мебурданд, феълан бештар аз гурӯҳҳои истиҳдомгари ДИИШ, "Ансоруллоҳ", "Ал-Қоида", "Ҳаракати исломии Туркистон (Ӯзбекистон)" ба унвони сарчашмаи хатар ба амнияти миллию давлатӣ зикр мекунанд. Албатта, ин гурӯҳҳо ҳосили сиёсату бозиҳои геополитикист, ки ба онҳо як навъ ранги исломӣ додаанд ва аз ислом сӯиистифода мешавад. Ба андешаи мо, дар дурнамо хавфи таҳдиди ин гурӯҳҳо ба тамоюли шомилшавии аҳолӣ ба ҳаракатҳои экстремистӣ метавонад боз ҳам афзоиш ёбад, зеро яке аз омилҳои асосии рушди ифротгароӣ дар ин минтақа бавуҷудоии монеаҳо дар муҳоҷирати корӣ аҳолӣ ба Федератсияи Русия мебошад, ки аз ин ҳисоб сафи нафарони бекор меафзояд ва бекорӣ яке аз заминаи асосии амалҳои ҷиноӣ дар ҷомеа ба шумор меравад.

Танҳо дар соли гузаштаи 2014-ум аз ҷониби мақомоти прокуратура дар вилояти Хатлон вобаста ба ҷиноятҳои ифротгароӣ 43 парвандаи ҷиноятӣ алайҳи 59 нафар ифтитоҳ ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари афроде, ки ҷиноёти экстремистӣ содир кардаанд, аз 20 то 30 сол доштаанд (33 нафар). Дар он миён аз 18 то 20-сола ду нафар, аз 30 то 40-сола 15 нафар, аз 40 то 50-сола 8 нафар ва синни як нафарашон ҳатто аз 50 боло будааст.

Мақомоти милитсияи Хатлон низ дар соли гузашта 76 сокини маҳаллиро бо гумони узвияташон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ мавриди таъқиб қарор дод, ки 27 нафарашон пайрави созмони "Ансоруллоҳ" ва 16 нафарашон узви "ҲИӮ" будаанд. 25 нафар аз ин шумора соли 2014 боздошт ва ба муҷозот кашида шудаанд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шумораи ҷангиёнро аз вилояти Хатлон дар Сурияву Ироқ беш аз 50 нафар тахмин мезананд. Тибқи иттилои ғайрирасмӣ, то имрӯз ҳудуди 10 ҷавони хатлонӣ дар ин ҷангҳои бегона дар Ховари миёна ҷон бохтаанд.

Қонунгузории Тоҷикистон барои ширкат дар ҷангҳои хориҷӣ аз 12 то 20 соли маҳрумият аз озодиро пешбинӣ мекунад. Аммо ба қавли масъулони прокуратураи вилояти Хатлон, агар иштирокдорони муқовиматҳои мусаллаҳона дар Сурия ихтиёран тарки ҷанг ва гурӯҳҳои ифротӣ карда, ба Ватан баргарданд, дар сурати изҳори пушаймонӣ ва содир нашудани ягон ҷинояти сангин аз ҷониби онҳо дар Сурия ё Тоҷикистон, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод хоҳанд шуд. Яъне ин ҷавонон роҳгумзада ҳанӯз ҳам шансе барои бозгашт ба зиндагии мулкӣ, бозгашт ба назди падару модар ва зану фарзанди худ доранд.

Далели ин мисолҳо ҳам ҳаст. Ахиран ду ҷавон аз ноҳияҳои Шаҳритус ва Қубодиёни вилояти Хатлон, ки яке ба Сурия раҳсипор буд ва дигаре дар Афғонистон будубош мекард, ихтиёран ба зодгоҳҳои худ баргаштанд ва мавриди афв қарор гирифтанд.

### СӮИСТИФОДАИ ДОИРАҲОИ МАНФИАТҶӮ АЗ МАЪРИФАТИ ЗАИФИ ДИНИЮ МАЗҲАБИИ ҶАВОНОН

Ба андешаи директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Худобердӣ Холиқназар, омилҳои мухталифе, монанди норасоиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бекорӣ, фақр ва фасод, омода набудани ҷавонон аз дидгоҳи идеологӣ ва сиёсӣ, надоштани асолати исломи суннатӣ, яъне бесаводии динӣ, мавҷудияти омилҳои марзӣ, назарфиребии эмиссарони хориҷӣ ва ғайра аз ҷумлаи сарчашмаҳои асосии зуҳури ифротгароӣ дар кишвар маҳсуб меёбанд. Фақр ва маърифати заифи динии мазҳабии баъзе ҷавонон барои доираҳои манфиатҷӯ як навъ фурсати мувофиқи роҳандозии фаъолияти таблиғотиюташвиқотӣ гардидаанд. Ба таъкиди сарвари МТС, айни замон эмиссарони хориҷӣ дар фаъолияти ҳадафмандонаи худ бештар доираи занонро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд, яъне занон дар муқоиса ба мардҳо барои ташкили роҳпаймоиҳову гирдиҳамоӣ ва роҳандозии ҳаракатҳои хусусияти иртиҷоию эътирозидошта нерӯи нисбатан "нарм" ва мувофиқ дониста мешаванд.

Онҳое, ки барои ширкат дар амалиёти низомӣ дар Сурия ҷалб гардидаанд, аз ҷониби равоншиносони касбӣ ва омӯхта шуда, мағзшӯӣ шудаанд. Баъзан вориди шабакаҳои иҷтимоӣ гардида, дар саҳфаҳои алоҳида ё зери матлабҳо шарҳҳоеро мутолиа кардан мумкин аст, ки исботи гуфтаҳои боло буда метавонад. Масалан, зери матлабе Холид ном нафаре, ки худро аз Шом муаррифӣ кардааст, навиштааст: "Ин дурӯғи маҳз ҳаст, ки пул ваъда мекунанд ё пул медиҳанд. Ман шахсан аз оилаи сарватманд ҳастам ва дар зиндагиам ҳеҷ камбудие набуд. Фақат барои ризои Аллоҳ дар ин роҳ омадам… Инҳо барои чӣ омаданд, инҳоро кӣ фиреб дод? Магар шумо гуфтаҳои Аллоҳро фиреб меҷӯед?".

Рӯшан аст, ки маълумоти нокофии динӣ доштани ҷавонон сабаби ташреҳи иштибоҳӣ ё барқасдонаи фармудаҳои Ислом ва аҳодис аз ҷониби намояндагони гурӯҳҳои ифротӣ ё истихдомгарон ба хотири чида гирифтани онҳо мешавад. Ингуна ҷавонон ба ҳадде гумроҳу "сарсупурда"-и ақидаҳои ифротии "корфармоҳо"-и худ мегарданд, ки дигар ҳатто ба панду насиҳат ва таваллои волидони худ барои бозгашташон ба ҳаёти осоишта ва Ватан гӯш намедиҳанд.

### БА КАДОМ МАСЪАЛАҲО БОЯД ДИҚҚАТ КАРД?

**1. Аз назорат дур мондани ҷавонони дар хориҷ таҳсилкунанда**

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тобистони соли гузашта зимни мулоқоташ бо аҳли ҷомеа аз он изҳори нигаронӣ кард, ки баъзе гурӯҳҳо аз низоми мусоидҳ ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон сӯиистифода менамоянд. Ба гуфтаи ӯ, "ифротгароӣ ва таассубу хурофот, коштани тухми кинаву адовати диниву мазҳабӣ, маргталабиҳои динӣ, сӯиистифодаи ислом бо ғаразҳои сиёсии гурӯҳиву шахсӣ ва дигар аъмоли номатлуб, ки имрӯзҳо ба тамоюли хатарнок табдил ёфта истодаанд, моро водор месозанд, ки дар ин самт тадбирҳои қатъӣ андешем… Тибқи маълумот, имрӯз зиёда аз 80 оила аз ҷумлаи шаҳрвандони мо дар минтақаи Вазиристони Ҷумҳурии Исломии Покистон қарор доранд. Шумо мақсади ба он ҷо рафтани одамонро хуб медонед".

Дар яке аз нишастҳои шӯрои ҳамоҳангсозии сохторҳои қудратии вилояти Хатлон, ки чанд сол пеш ба мавзӯи мубориза бо терроризм ва ҷилавгирӣ аз ифротгароӣ ихтисос дошт, ин иттилоъ пахш шуда буд, ки дар солҳои 1995-1996 ҳаштоду чаҳор кӯдаки 5-7 сола аз Тоҷикистон ба Покистон интиқол дода шуда ва аз онҳо афроди "фидоӣ" ва ифротӣ омода кардаанд.

Ин аст, ки ба иттилои масъулони ниҳодҳои қудратӣ дар вилояти Хатлон, пас аз гузашти 19-20 сол ин кӯдакон бо омодагии террористӣ ва ифротӣ бузург шуда, солҳои гузашта аз онҳо дар амалиётҳое дар канори шаҳри Душанбе ва минтақаи шарқи Тоҷикистон истифода шудааст. Мақомот аз кушта шудани дастикам 2 нафар аз ин гурӯҳи 84-нафара дар амалиётҳои соли гузашта хабар медиҳанд. Аммо боқии онҳо феълан куҷоянд ва ба чӣ кор машғул, маълумоти дақиқ нест.

Дар солҳои 2009-2010 беш аз 100 нафар ба гумони узвият дар "Ҷамоаи таблиғ" равонаи маҳбас шуда буданд. Аксари онҳо имрӯз аз муассисаҳои ислоҳӣ берун омадаанд, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки андеша ва афкори на ҳамаи онҳо ба самти мусбат тағйир хӯрдааст. Дар маҷмӯъ, ин ҳол низ наметавонад ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти интизомиро хотирҷамъ нигоҳ дорад.

**2. Омори ташвишовар**

Тибқи иттилои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Хатлон, танҳо дар семоҳаи якуми соли 2015 дар қаламрави вилоят 1511 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34,8% зиёд аст. Бахусус, ҷиноятҳои авбошӣ 81,2 дарсад, дуздӣ 75,4 дарсад, куштори барқасдона ва сӯиқасд ба куштор 66,7 дарсад ва қаллобӣ 13,9 дарсад зиёд шудааст. Яке аз сабабҳои афзоиши ин навъи ҷиноятҳо бозгашти шумораи қобили мулоҳизаи муҳоҷирони корӣ аз Русия унвон мешавад. Бар асари дар муҳосираи иқтисодӣ қарор гирифтани Русия муҳоҷирони кории тоҷик аз ҷойҳои корӣ ва манбаи даромади молиявии худ маҳрум шуда, ноҷор ба Тоҷикистон баргаштанд. Як қисми онҳо ҳоло дар водии Вахш ба кишоварзӣ ҷалб шудаанд, аммо теъдоди зиёдашон ҳанӯз кор мекобанд. Тибқи омори расмӣ, дар се моҳи аввали соли ҷорӣ танҳо 3299 нафар дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон бо кор таъмин шудаанд. 4830 нафар расман мақоми бекорӣ гирифтанд ва танҳо ба 691 нафарашон кӯмакпулӣ дода шудааст.

Аз сӯйи дигар, бар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи авф" аз 29 октябри соли 2014, аз муассисаҳои ислоҳии вилояти Хатлон 1229 нафар, аз ҷумла 200 зан, ба озодӣ баромаданд. Аммо аз ин теъдод танҳо 1 нафар бо кор таъмин шудааст. Аз ҷониби шуъбаҳо ва раёсати Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон, ба 124 нафар маҳбусони раҳошуда (аз ҷумла 18 зан) кӯмакпулӣ дода шудааст. Манобеи прокуратураи нозири иҷроиши қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳии вилояти Хатлон мегӯянд, ки танҳо аз маҳбаси Қӯрғонтеппа 14 маҳбусе, ки тибқи ин қонун афв шуда буданд, дубора ҷиноят содир карда, пушти панҷара баргаштаанд. Дар шарҳи сабаби ин ҳол бекорӣ, мушкилоти равонӣ ва иҷтимоии маҳбусони собиқ мисол оварда мешавад.

Дар ҳамин ҳол, тибқи иттилои Хадамоти муҳоҷирати Тоҷикистон, имсол 270 ҳазор муҳоҷири меҳнатӣ аз Тоҷикистон шомили рӯйхати афроде гардидааст, ки ҳуқуқи аз 3 то 10 сол ворид шудан ба Русияро надоранд. Ин ҳол, табиист, метавонад шумораи бекорон ва мизони ҷинояткориро дар дохили Тоҷикистон афзоиш дода, теъдоди ҷавонони норозиро аз кори мақомоти давлатӣ низ бештар кунад. Таҳлилҳо гувоҳи онанд, ки маҳз ҷавонони бекор ва ниёзманд бештар ва осонтар ба истилоҳ "туъма"-и гурӯҳҳои ифротӣ мешаванд.

**3. Алоқамандӣ нишон надодани ҷомеаи шаҳрвандӣ барои бо мақомоти давлатӣ мубориза муштарак бурдан алайҳи ифротгароию радикализм**

Тибқи омори расмӣ, дар қаламрави вилояти Хатлон садҳо ташкилоти ҷамъиятӣ сабти ном шуда, фаъолият доранд. Шумораи ҳизбҳои сиёсии кишвар ҳам ба 8 адад мерасад. Аммо воқеият инро нишон медиҳад, ки созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, ки усулан бояд дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ баробари дигар мақомоти давлатӣ саҳми бориз дошта бошанд, бисёр пассив ҳастанд. Зоҳиран, созмонҳои ҷамъиятӣ лоиҳаҳои худро танҳо ба хотири дарёфти грант ба роҳ мемонанд ва дар амал барномаи муассирерo барои ислоҳи мушкилоти ҷомеа ба ҳукуматҳои маҳаллӣ пешниҳод намекунанд.

Ба иддаои Равшан Абдуллоев, директори Бунёди Аврусиё дар Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон, ҳамкориҳои устувори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат боис мегарданд, ки ин ниҳодҳо ҳадафҳои дар назди худ гузоштаро амалӣ намоянд. Набудани чунин ҳамкорӣ боиси иҷро нагаштан ва ё умуман бефаъолият боқӣ мондани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ на вазифаҳои давлат, балки фаъолиятҳои ниҳодҳои давлатиро пурра мекунад ва маҳз дар чунин шароит ҳамкории зич бахри бартараф намудани падидаҳои номатлуб муҳайё мешавад. Аз дидгоҳи Р. Абдуллоев, агар ноустувории муносибатҳо сари вақт ба тараф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иттифоқчии давлат нашавад, он дар пешгирии зуҳуроти номатлуб миёни аҳолӣ коре карда наметавонад ва дар дарозмуддат дар сурати ба вуҷуд омадани омилҳои бесуботӣ ҷойгоҳи худро ҳифз карда наметавонад ва ин таҷрибаро дар мисоли Сурия, Либия, Миср ва Баҳрайн метавон мушоҳида намуд.



# Ӣ ВА РАДИКАЛИЗМ

## ХАТЛОН

Пешбурд, ташреҳ ва татбиқи сиёсат ва идеологияи давлатро дар сатҳи маҳал ҳоло танҳо мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба дӯш доранд.

**4. Бекорӣ**

Бо ин вуҷуд, ки тибқи омори расмӣ, шумораи бекорон дар вилояти Хатлон камтар аз 30 ҳазор нафар аст ва беш аз 170 ҳазор сокини қобили кор аз вилоят дар муҳоҷирати корӣ дар хориҷи кишвар будубош доранд, бекорӣ аз мушкилоти умда боқӣ мемонад, ки мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро мебояд барои рафъи он талош ба харҷ диҳанд. Агар ба маълумотномаҳо бингарем, ҳар сол ҳазорҳо ҷойи кории нав дар шаҳру навоҳӣ таъсис дода мешавад, аммо теъдоди афроде, ки бо кор таъмин шудаанд, хеле кам аст.

Пас, илоҷи кор чист? Ба иддаои таҳлилгарон, дар сурати истифодаи оқилона аз замин ва мусоидат ба рушди арсаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода хоҳад шуд. Захираҳо бисёранд, аммо роҳҳои истифодаи муассири онро бояд пайдо кард.

### ЧӢ БОЯД КАРД?

**n Тарбияи миллӣ мебояд.** Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҷавҳар, хосият ё маҷмӯи сифатҳои тоҷикон аз илму донишомӯзӣ, заҳматписандию таҳаммул, сарукор бо замин, оштию сулҳпазирӣ, тадбирҷӯйӣ, худшиносӣ, талоши фарҳангӣ, меҳмондорию меҳмоннавозӣ, устувории оила, ифтихори ватандорӣ, шикастанафсӣ, касбу ҳунаромӯзӣ, хушбинӣ (оптимистӣ), дӯстию рафоқат, иззату эҳтироми падару модар ва шахсони калонсол, некӣ ва накӯкорӣ, адлу адолатҷӯйӣ, дастгирии ятимону муҳтоҷон, канораҷӯйӣ аз ҳирсу ҳасад, кибру ғурур, кинаю адоват, хиёнат ва аҳдшиканӣ ва ғайра иборатанд.

Ройгон ихтисос додани қитъаҳои замин барои кори кишоварзӣ дар маҳалҳо (ба хотири таъмини бекорон бо шуғл) ва баргузор кардани семинарҳои омӯзишии ройгон оид ба умури кишоварзӣ барои онҳое, ки бори аввал ба ин кор машғул шуданианд (дар мисоли таҷрибаи "заминҳои президентӣ").



**n Мусоидат дар таҳкими донишҳои сиёсӣ ва динии имомхатибони масоҷид.** Ин масъала бисёр муҳим аст. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бархе аз имомон, ки пешвоҳои маҳаллаҳо ва гурӯҳи одамон ба ҳисоб мераванд, донишҳои қавии сиёсӣ надоранд. Домуллоҳо перомуни ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, идеология, ҳадафҳо ва роҳҳои таъсиррасонии онҳо ба ҷавонони мо маълумоти саҳеҳ ва кофӣ надоранд, биноан, гоҳе наметавонанд бо ҷавонон, намозгузорон оид ба миқёси хатари пайравӣ ба ин гурӯҳҳои экстремистӣ суҳбат кунанд. Ҷалби ходимони дин барои барқарор кардани тамос бо қишрҳои осебпазир дар байни ҷавонон бисёр муҳим аст.

**n Ташкили маҳфилҳо оид ба тарбияи таҳаммулпазирӣ,** фарҳанги ҳамзистӣ ва эҳтироми гуногунандешӣ дар маҳалҳо.

**n Ташкили курсҳои омӯзишӣ барои ҷавонписарони музофотӣ** (ин таҷриба дар баъзе маҳалҳо барои духтарон ва ҷавонзанон ҳаст, мисли курсҳои дӯзандагӣ ва ҳунарҳои дастӣ). Аксари ҷавонони маҳаллӣ, ки имкони идомаи таҳсил дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳоро надоранд, бояд ҳунаромӯзӣ кунанд, имкон дошта бошанд, ки ройгон дар омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ таҳсил намоянд.

**n Истифодаи самараовари майдонҳои нисбатан васеи заминҳои азхуднашуда**, ки метавонад барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат кунад. Босамар истифода бурдан аз қувваи арзони корӣ.

Мақомоти ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ дар пайи гароиши се бародар ба гурӯҳҳои ифротӣ, бо тамоми ҷавонон дар рустоҳои гуногун дидору мулоқот анҷом дода, барои ҷавонони бекор қитъаҳои замин ихтисос дод, ки ба кишоварзӣ машғул шуда, рӯзгорашонро пеш баранд.

**n** Муфаттиши прокуратураи Хатлон Саидҷон Салимзода бар ин андеша аст, ки ба хотири ҷилавгирӣ аз гароиши ҷавонон ба созмонҳои ифротӣ ва қурбони фиреби гурӯҳҳои истихдомгар нашудани онҳо дар хориҷи кишвар мебояд, ки **масъалаи манъ ё маҳдудсозии сафари ҷавонони то 20-сола ба хориҷ аз қаламрави Тоҷикистон ба баррасӣ гирифта шавад.** "Ин кор метавонад хислати муваққатӣ дошта бошад, барои чанд сол. Ё шояд чунин қонуне қабул шавад, ки ҷавонони то 20-сола танҳо якҷоя бо волидони худ ба сафари хориҷӣ ҳуқуқ дошта бошанд. Ин як навъ масъулият ва назорати волидонро бештар мекунад ва ҳам падару модар аз сарнавишти фарзанди худ бохабар мешаванд", - афзуд С. Саидзода.

**n** Чунин пешниҳод ҳам дар доираҳои коршиносони Хатлон садо медиҳад, ки таҳсили 11-сола дар мактабҳо ҳатмӣ кунонида шавад, ё ҳадди ақал ҷавононе, ки синфи 9-ро хатм мекунанд, ба сурати ҳатмӣ шомили омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ шуда, ҳунар омӯзанд.

**n Бештар кардани соатҳои тарбиявӣ ва дарсҳои сиёсӣ дар мактабу донишгоҳҳо,** афзоиш додани толорҳои варзишӣ ва муассисаҳои фарҳангӣ, оммавӣ кардани тарбияи ҷисмонӣ низ аз ҷумлаи тадбирҳоест, ки метавонад мағзи ҷавононро аз ҳар гуна андешаҳои носолим машғул дорад. Инчунин барномаҳои мукаммали идеологие лозиманд, ки пеши роҳи ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиро бигиранд. Имкони тарғиби терроризм бо истифода аз интернет низ бояд пешгирӣ шавад.

**n 10. Доираи уламои исломӣ** аз Қӯрғонтеппа ҳамчунин бар ин ақида ҳастанд, ки агар таълими "Маърифати динӣ" ё "Таърихи ислом" дар макотиби ҳамагонии кишвар роҳандозӣ шавад, зарурат ба таълимоти ғайрирасмию пинҳонии динӣ барои наврасону ҷавонон боқӣ намемонад.

**n Андешидани чораҳои муассир** ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон барои фаъолият дар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла дар вазифаҳои масъули роҳбарӣ, мақомоти намояндагӣ ва бо ҳамин роҳ ташаккул додани қобилияти сарварӣ миёни онҳо муҳим аст.

**n** Паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ бо роҳи таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дастрасии ҷавонон ба амалисозии лоиҳаҳо, грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ тавассути марказҳои ҷавонон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва маҳфилҳои худфаъолият, андешидани чораҳо ҷиҳати тарбияи варзишгарони касбӣ ва ташаккули оммавияти варзиш ҳамчун омили муҳими солимии ҷомеа ва муаррифии миллату давлат бояд масъалагузорӣ шавад.

**n** Бунёди корхонаю коргоҳҳои хурду миёна дар ноҳияҳо ва рустоҳои дурдаст, тақсим кардани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, ироаи майдонҳои кишт, рушди кишоварзӣ, коркарди пахта, меваю сабзиҷот ва дигар маводи кишоварзӣ дар сатҳи маҳал боиси рушди иқтисод ва беҳшавии вазъи иҷтимоии сокинони маҳаллӣ хоҳад шуд. Дар ин сурат маблағҳо ба хориҷи кишвар намераванд, субъекти супорандаи андоз таъмин мешавад, ашёи хом талаф намеёбад ва ҳамчунин иқтидори содиротии кишвар низ боло меравад.

**n** Дар сатҳи маҳалҳо бояд **фаъолияти бахши идеологӣ** дар ҳамкорӣ бо мақомоти таъминкунандаи тартиботи ҳуқуқӣ ва мақомоте, ки масъулияти таъмини корҷӯён бо ҷойи кори доимиро доранд, бояд боз ҳам фаъолтар бошанд.

**n** Ба хотири **тақвият бахшидани сармояи зеҳнии фарзандон,** тавассути тарбияи дуруст дар оила ва фароҳам овардани шароити мусоид барои бештар ба донишандӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунар машғул шудани онҳо тамоми ҷомеа бояд саҳмгузор бошад. Моро мебояд фарзандонро дар рӯҳияи баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихор аз Ватану ватандорӣ тарбия намоем ва ба илму касбомӯзиашон бештар диққат дода, онҳоро дар ин рӯҳия ташвиқ кунем.

**Носирҷон МАЪМУРЗОДА,**
*ш.Қӯрғонтеппа*

*Таъмини амнияти ҷомеаи муосири Тоҷикистон барои кормандон ва дигар сохторҳои қудратие, ки ин раванд аз онҳо вобаста аст, яке аз рукнҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи заҳмату меҳнати чунин мақомот аст, ки сулҳу субот пойдор ва мардуми тоҷик шоду хуррам дар пайи зиндагониву ободкорӣ қадам мениҳанд.*

# Хиёнат ба савганд

**АГАР ба маънову мафҳуми таъмини амният рӯй орем, ба мо маълум мегардад, ки он озод будан аз ҳар гуна эҳтимоли зиёну зарар ба шахс, давлат ва ҷамъият, дур сохтан аз шакку шубҳа нисбат ба зодгоҳу диёр, ҳимояи манфиатҳои инсон, давлат ва ҷамъиятро мефаҳмонад.**

**Равандҳои кунунӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти кулли инсон барои беҳбудӣ ва осудагии хеш кӯшиш мекунад ва мехоҳад қувваҳои манфур вуҷуд надошта бошанд. Аммо баъзе қувваҳое ҳастанд, ки намехоҳанд дигарон ором зиндагонӣ кунанд ва худашон ҳам чун инсон зиндагӣ накунанд. Онҳо мехоҳанд ҳам ҳаёти дигаронро зери хатар гузоранд ва ҳам аз баҳри ҳаёти худ гузаранд. Ба ин мисол шуда метавонад рафтори бехирадона ва хиёнаткоронаи Гулмурод Ҳалимов, фармондеҳи дастаи таъиноти махсуси ВКД ё "ОМОН"-и Тоҷикистон, ки як моҳ қабл аз шаҳри Душанбе бедарак шуд ва рӯзи 27-уми май тариқи як навори видеоӣ дар интернет аз пайвастанаш ба созмони террористиву экстремистии "Давлати исломӣ" хабар дод.**

**Чунин менамояд, ки ин зуҳурот ба ҳукми анъана даромадааст. Як хиёнаткор мераваду дар дунболи ӯ хиёнаткори дигаре зуҳур мекунад. Кирдорҳои охири Гулмурод Ҳалимов далели ин гуфтаҳост. Ӯ худро "ҳомӣ"-и шаҳрвандони Тоҷикистон нишон дода, бо дастгирии баъзе қувваҳои худхоҳи хориҷи кишвар муқобили сохти давлатдории муосири Тоҷикистон мебарояд. Ба иборае, вай кӯшиши таъмини амнияти халқу мардуми тоҷикро мекард, аммо аз тарафи дигар сад дарсад ба амнияти таъминшудаи мардум таҳдидҳо пеш меорад. Гӯё ӯ барои оромии ҷомеа мубориза мебарад, дар ҳоле ки худи вай ин оромиро аз байн бурда истодааст. Баромади ӯ тариқи сомонаҳои интернетӣ Тоҷикистонро дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёҳ кардан аст. Будани чунин нафарон ба манфиати миллату давлат нест, зеро бо ба даст овардани имконият ниятҳои шуму нопоки худро амалӣ мегардонанд.**

**Аз ҷониби дигар, овоза кардани баъзе маълумотҳо ба идроку шуури шахсият вобаста аст. Нафароне ҳастанд, ки барои давлату миллат хизмат карда, ҳарферо ба касе намегӯянд ва аммо нафарони хиёнаткоре ҳастанд, ки ба онҳо чизе рух надода бошад ҳам, овозаву дарвоза мекунанд, ба монанди Гулмурод Ҳалимов. Бисёриҳо бар ин ақида ҳастанд, ки Ҳалимов Г. дар ибтидо одами поктинату поксиришт набудааст, ки имрӯз сари давлату ҳукумат санги маломат мезанад, ҷомеаро ба нифоқ мекашад, то ба ӯ пайравӣ бикунанд.**

**Ба давлату миллати хеш хиёнат намекунанд, гуфтаанд бузургони мо. Дар ин хусус нақлу ривоят ва зарбулмасалу мақолҳои зиёде низ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, мегӯянд, ки сар раваду сир наравад. Аммо барои хиёнатпешае чун Ҳалимов нишонгар он аст, ки метавонад дар ҳама ҳолат ба ватан, модар, дӯст, ба ҳар шиносу ношинос хиёнат кунад.**

**Баромади Ҳалимов Г. аз чӣ гувоҳӣ медода бошад?! Аз хизмати "софдилона" ба ёру диёр, ё зери ин "хизмат" чандин хизмати дигар нуҳуфтаанду то ҳол амалӣ нашудаанд. Рафтору гуфтори вай воқеан ҳам боиси нигаронӣ аст, нигаронии хеле ҷиддӣ. Чунки амалаш ба гуфтораш мувофиқат намекунад.**

**Пайвастани фармондеҳи воломақоми тоҷик ба ҷабҳаи созмони террористӣ амали нангин барои кишвар аст, зеро ин нафар савганди ҳарбӣ ба номи Ватан-Модар ёд карда буд. Ва имрӯз ӯ қасамзада шуд. Иддаоҳои дурӯғе, ки Ҳалимов дар мавриди бадномкунии ҳиҷобпӯшон ва маҳдудиятҳои дигари динӣ дар Тоҷикистон мекунад, танҳо кӯшиши худсафедкунӣ ҳасту бас. Ҳамагон медонанд, ки ҳамсари дуюми ӯ пурра бо усули барояш мақбули дунявӣ ҳаёт пеш мебарад ва аз аврупоиҳо ҳам дар пӯшиши либосу ҳаёти маишӣ мегузаронад.**

**Бори аввал нест, ки Ҳалимов Г. ба хиёнаткорӣ даст задааст. Дар ин бора расонаи иттилоотии "Азия Плюс" дар пайи нашри ин хабар аз қавли як ҳамхидмати Ҳалимов, ки нахостааст номаш зикр шавад, иттилоъ додааст, ки Ҳалимов чанд сол қабл барои узвияташ дар ҳаракати "Салафия" аз мақомот ронда шуда буд. Чаро дубора сари мансаби фармондеҳӣ омад, ин мавзӯи баҳси дигар аст ва бояд ҷиддан таҳқиқ ҳам шавад, вале ҳамин дақиқ аст, ки хиёнат дар замири ӯ лона гузошта будааст.**

**Рустам РАҲИМОВ**



Кароматулло ОЛИМЗОДА

# Сукути як сиёсатмадор

## Пораи хотираҳо аз мулоқотҳо бо Бабрак Кормал



**Вақте сухан дар бораи ояндаи Афғонистон мерафт, аз чӣ бошад, ки дар омади гап фазилатҳои Бабрак Кормал ва донишмандию ҷасорати сиёсиашро васф карду гуфт: "Ҳоло ҳеҷ гап нест, баъд аз чанд муддат дар ин кишвар чунон хунрезиҳо мешавад, ки тасаввур карданаш номумкин аст".**

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

Дастагири Панҷшерӣ аз ҷиноҳи "Халқ"-и ҲХДА буд. Тоҷики зодаи Панҷшер, шеърҳои инқилобӣ менавист, ҳамчун сиёсатмадор ва шоир дар Афғонистон машҳур буд. Дар даврони маҳбус буданаш хеле азоб дода будаанд, ки роҳгардиаш душвортар буд. Ба Бабрак Кормал рафоқати самимона надошт. Як вақт ман дар вазъияти ногувор мондам. Конфронси ҲХДА буд ва иштирокдорон бо шӯру ҳаяҷон ва кафкӯбиҳо суханҳои Муншии умумӣ Бабрак Кормалро истиқбол намуданд. Баъд аз маърӯза танаффус эълон шуд ва аъзои Бюрои сиёсӣ, котибони ҲДХА, аз меҳмонон Ф. Табеев, В.Ломоносов, В.Замарянов ва ман ба ҳуҷраи махсус барои чойнӯшӣ ворид шудем. Панҷшерӣ аз дастам гирифта маро ба назди худ нишонд ва ду курсӣ болотар Бабрак Кормал менишаст. Панҷшерӣ бе ягон муқаддима гуфт: "Рафиқ Кароматулло! Биё ин ҷо мову ту тоҷик ҳастем, якҷо биншинем. Тоҷикистон чӣ тавр аст, чӣ тозагӣ? Кормал хуб сухан мегӯяд, вале ӯ ҷанролзода аст, аз табақаи ҳоким, мо мутааллиқ ба табақаи коргар ҳастем…". Бабрак Кормал ин суханҳоро мешунид, як нигоҳ ҳам ба сӯи Панҷшерӣ афганду гӯё аҳамият намедод. Ман аз ин суҳбат дар хиҷолат мондам ва гуфтам: "Рафиқ Панҷшерӣ, суханони Шумо шӯхиомез аст, шояд бо рафиқ Кормал, ки суханронии олӣ карданд, ҳазли рафиқона кардан мехоҳед". Вале Панҷшерӣ бо ҷиддият бо овози баланд мегуфт, ки инҳо аз табақоти боло ҳастанд, ҷенролзодаанд, аз халқ дуранд ва ҳоказо… Ҳарчанд Панҷшериро ҳамчун сиёсатмадори тоҷики афғонистонӣ ҳурмат мекардам, аслан ӯ инсони хуб ва дар ақида устувор буд, бо ҳам дӯстӣ доштем, вале ин суханҳояш ба мавқеъ ва аз рӯи одоби сиёсӣ набуданд ва аз содагии ӯ гувоҳӣ медоданд. Ҳар гоҳ дар бораи бохти миллатамон дар раванди таърих фикр мекунам, ба хулосае меоям, ки халқи мо аз содагӣ ва содалавҳӣ, пухта набудан, аз муросо карда натавонистан ва ба ваҳдат пайгирона кӯшиш накардан дар тӯли таърих бисёр бохтааст. Ва имрӯзро бо гузаштаҳо муқоиса намуда, хушбахтона, дар симои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шахсияти ватанпарасти ростинро мебинем, ки ба лидери умумимиллии тоҷикон табдил ёфтааст ва дар қаламрави маҳдуди ба тоҷикон додаи тақдир иштибоҳҳои гузаштаро ислоҳ мекунад. Сабақи Афғонистонро ба ёд оварда, бо итминон метавон гуфт, ки дар шароити хеле хавфнок ва пурталотуми ҷаҳони муосир дар атрофи ӯ ҷамъ омадани ҳамаи нерӯҳои ватанпараст вазифаи муҳими таърихӣ ва замонати ояндаи неки тоҷикону Тоҷикистон аст.

Дар яке аз пленумҳои КМ ҲДХА масъалаҳои кадрӣ ва миллӣ муҳокима мешуд. Яке аз масъулони ҳизбии минтақаи шимоли Афғонистон дар суханрониаш иброз дошт, ки аксари аҳолии Шимоли кишвар ӯзбекҳо ҳастанд ва барои тасдиқи фикраш баъзе рақамҳои оморӣ ҳам овард, ки ба назари ман сохта ва аз ҳақиқат хеле дур буданд. Ӯ дар баромадаш таркиби миллии шимолро ӯзбекон, паштунҳо, туркманҳо, қазоқҳо зикр карда, тоҷиконро аз ҳама охир, гӯё сеюм-чорум дараҷа ном бурд. Ман дар паҳлӯи В. Замарянов нишаста ба ӯ тарҷума мекардам ва гуфтам, ки ин шахс нодуруст мегӯяд. Шумо медонед, ки дар шимол низ аксарият тоҷикон ҳастанд. В. Замарянов "ин кори дохилии онҳост, мо коре надорем, баъд суҳбат мекунем" гуфт. Ман солҳои пеш, ки дар Мазори Шариф кор карда будам, медонистам, ки аксарияти аҳолии ин вилоят ва чанд вилояти дигари назди он тоҷикон ҳастанд. Вале аксарият, ки бесавод буданд, ҳисси худшиносиашон дар солҳои подшоҳӣ заиф буд ва вақте аз миллат суол мешуд, мегуфтанд "мо форсзу вон", яъне форсизабон ҳастем.

Боре дар арафаи таҷлили барқарории робитаҳои дипломатӣ дар байни Афғонистон ва ИҶШС соли 1981 гурӯҳе иборат аз се нафар афғонистоншиносон бо роҳбарии профессор Дворянков, ки Ахрамович ва як зани шарқшинос шомили ин гурӯҳ буданд, ба Кобул омаданд ва бо Бабрак Кормал вохӯрданд. Ин вохӯрӣ қариб ду соат давом кард. Бабрак Кормал дар робита ба сиёсатҳои Англия ва Русия вобаста ба Афғонистон, бо зикри номи санадҳои қабулкардаи онҳо, нақшаҳои махфиашон, фаъолияти ҷосусии ин давлатҳо нақлҳои ҷолибе кард, ки барои ин олимон ва инчунин мо ҳам нав буданд.

Дар ҷараёни суҳбат Бабрак Кормал аз меҳмонони афғоншинос пурсид, ки оё дар бораи таркиби миллӣ ва этникии Афғонистон огоҳии хуб доранд ва назарашон чӣ гуна аст. Онҳо гуфтанд, ки аксарияти аҳолӣ дар ин ҷо пуштунҳо ва баъдан тоҷикҳо, ӯзбекҳо, ҳазораҳо ва ғайра мебошанд ва мувофиқи иттилои онҳо аҳолии кишвар шояд тақрибан 18 миллион нафар бошад. Бабрак Кормал бо як зарофат аз Дворянков суол кард: "То ҷое, ки ман медонам ҷаро дар асарҳои шарқшиносони шӯравӣ ва омори Иттиҳоди Шӯравӣ солҳост, ки теъдоди тоҷикон дар Афғонистон аз ду миллион беш намегардад? Оё Шумо маълумоти дақиқ доред?"

Мусоҳибон андаке мушавваш шуда ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Баъдан Дворянков гуфт, ки дар Афғонистон аксарияти аҳолӣ пуштунҳо мебошанд, ва тоҷикону ӯзбекон ва миллатҳои дигар ақаллиятҳои миллӣ ҳастанд.

Сипас Бабрак Кормал қалами дарозеро, ки вазифаи ишораҷӯбро низ адо мекард, гирифта ба харитаи дар девори паҳлӯяш овезон буда диққати ҳозиринро ҷалб кард. Вилоятҳои Афғонистонро аз Бадахшон то Ҳироту Кобул нишон дода мегуфт: "Ин Бадахшон, мардумаш комилан тоҷик аст. Ин Бағлон - аксарияти мардумаш тоҷик. Ин Каписо, ин Қундуз - бештар тоҷикон сукунат доранд. Ин Самангон, ин Балх, ин Ҳирот, ин Парвон, ин Ғур, Бодғис, Тахор, аксарияти мутлақи мардум ҳама тоҷик, Ҷавзҷон-ӯзбекҳо ва тоҷикҳо, Форёб-туркманҳо тоҷикҳо, ӯзбекҳо, Урузгон паштунҳо ва тоҷикон, Ғазнӣ- пуштунҳо ва тоҷикон ва ғайра. Аксарияти мардуми Кобул тоҷиканд ва иддае бо пуштунҳо омехта шудаанд. Аслан мардуми мутамаддинтарин дар Афғонистон тоҷикон ҳастанд. Инсофан агар бигӯем, аз 19 миллион аҳолии феълии кишвар теъдоди тоҷикон баробари пуштунҳо, тақрибан беш аз 8 миллион нафаранд. Агар аз ҷиҳати забонӣ пурсед, пас ҳазораву ҷораймоқ ҳам ба дарӣ ҳарф мезананд. Аз ин ҷиҳат теъдоди форсизабонон аз пуштузабонон зиёд аст. Теъдоди тоҷикони Афғонистон аз тоҷикони Осиёи Миёна феълан зиёдтар аст. Аз байни онҳо лидери умумимиллӣ пайдо нашудааст, ё нагузоштаанд, ки пайдо шавад. Барои бақои давлат ва миллат ташаккули хислатҳои устувор, пеш аз ҳама ҷасорат, ифтихор ва ғурури солими миллӣ зарур аст. Муҳтоҷӣ ва тарсу ҳарос аз таъқибҳо рӯҳи миллатро заиф мекунад, ки оқибат ӯро маҳв менамояд. Ба назари ман, гуфт Бабрак Кормал, рақамҳои омории дар асарҳои муҳаққиқони шӯравӣ роҷеъ ба теъдоди тоҷикони Афғонистон бояд тасҳеҳ шавад. Таърих дар ҳаққи тоҷикон ҷавр кардааст, ба Дворянков рӯ оварда, бо табассум илова кард: Мо марксист ҳастем ва ба ҳақиқат содиқем". Боре ин мазмунро қариб айнан дар суҳбаташ бо Ломоносов ва Замарянов гуфта буд.

Баъди аз назди Бабрак Кормал баромадан профессор Дворянков изҳор кард, ки аз ин суҳбат таассуроти зиёд гирифтааст ва ба донишу ҳофизаи Бабрак Кормал баҳои баланд дод ва ба ҳамсафаронаш рӯ оварда гуфт: "Дидед, мо ҳам худамонро афғоншинос меномем, ӯ масъалаҳо ва воқеаҳоеро медонад, ки мо дар бораи онҳо то ҳол нахондаем". Аз он ҷо баромадему В.Замарянов меҳмононро ба манзили зисташ даъват кард. Аз сафорат масъули робитаҳои ҳизбӣ В.Смирнов низ омад. Ӯ дипломати ботаҷриба буд. Ҳангоми суҳбат як сухани ӯ диққати манро ҷалб кард ва то ба ҳол надонистам, ки ин маълумоти ӯ аз куҷо буд. Вақте сухан дар бораи ояндаи Афғонистон мерафт, аз чӣ бошад, ки дар омади гап фазилатҳои Бабрак Кормал ва донишмандию ҷасорати сиёсиашро васф карду гуфт: "Ҳоло ҳеҷ гап нест, баъд аз чанд муддат дар ин кишвар чунон хунрезиҳо мешавад, ки тасаввур карданаш номумкин аст". Ман аз ин сухани ӯ дар ҳайрат афтодам ва хаёл кардам каме шароб нӯшиду муболиға мекунад. Баъд аз муддате В. Смирновро бо В. Замарянов дар сафорат дидем, гуфт, ки ба рухсатии меҳнатӣ меравад. Тақрибан пас аз як моҳ шунидем, ки баъди ба Маскав рафтан В. Смирнов вафот кардааст, сабабаш ҳам бароямон номаълум монд. Баъд аз шунидани ин хабар В.Замарянов як оҳи вазнин кашиду маънидорона ва саволомез гуфт: "Дар Маскав чи гап аст, намефаҳмам".

Боре, ба назарам моҳи апрели соли 1983 буд, Бабрак Кормал бо, роҳбари гурӯҳи мушовирони ҳизбии шӯравӣ В.Ломоносов ва В.Замарянов дар бораи вазъи сиёсию идеологӣ дар кишвар суҳбат доштанд. Ман тарҷума мекардам. Дар ҷараёни суҳбат сухан дар бораи масъалаҳои миллӣ рафт. Бабрак Кормал ҳалли масъалаи миллиро дар Иттиҳоди Шӯравӣ хеле хуб арзёбӣ намуд ва гуфт, ки модели ленинии ҳуқуқи худмухторияти миллатҳо барои Афғонистон низ роҳи беҳтарин аст. Ба фикри ман, гуфт Бабрак Кормал, мо дар Афғонистон бояд ду ҷумҳурӣ созем. Номаш мавзӯи баҳси дигар аст. Шартан Ҷумҳурии Паштунистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар дохили Пуштунистон вилояти худмухтори Балуҷистон ва дар дохили Тоҷикистон вилоятҳои худмухтори ӯзбекон, туркманон ва ҳазораҷот. Дар ҳукумати марказӣ, яъне бо номи Афғонистон, ки дар гузашта Хуросон ном доштааст, аз ҳамаи миллатҳо намояндаҳо ва кадрҳои хубашон ба ҳайати роҳбарӣ интихоб хоҳанд шуд. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем як Афғонистони ором ва пешрафта бунёд кунем". Баъд шӯхиомез гуфт: "Мо давлатҳои бародар ҳастем, мабодо хулосаи нодуруст аз ин фикр барнаояд, ки мо бо халқҳои ҳамҷавору ҳамзабони ҳамсоя якҷо шуданӣ ҳастем ё даъвое дорем. Мо мехоҳем ба мисли Тоҷикистону Ӯзбекистон зиндагии озоду давлати сусиёлистии мутараққӣ бисозем".

*(Давом дорад)*

**Аз пайи як мактуб**

# ФАЙЗОБОД: БАҲСИ ДОМАНАДОРИ ҲАМСОЯҲО КАЙ ХОТИМА МЕЁБАД?

***Аз номи Дилафрӯз Холова, як истиқоматкунандаи ноҳияи Файзобод номае ба дасти мо расид, ки дар он оид ба масъалаи замини наздиҳавлигӣ баҳс меравад.***

**МАСЪАЛАИ** мазкур солҳои охир ба яке аз мушкилоти асосии мардуми кишвар табдил ёфта аст, ки боиси баҳсу мунокишаҳои зиёде мегардад. Далели гуфтаҳои боло ин аст, ки аксарияти номаҳои ба идораи ҳафтаномаи "Минбари халқ" воридшуда, пиромуни ин масъалаи доғ баҳс мекунанд.

Д. Холова дар номае, ки унвонии ҳафтаномаи "Минбари халқ" ирсол намудааст, худро як зани ҷабрдида ва таҳқиршудаи ҷамоати Шаҳраки ноҳияи Файзобод муаррифӣ кардааст.

Ӯ дар ин нома навиштааст: "Ман соҳиби чор фарзанд ҳастам ва зиёда аз 28 сол мешавад, ки дар маркази ноҳияи Файзобод, дар кӯчаи Рӯдакӣ-2 хонаи 1 бо шавҳару фарзандонам зиндагӣ дорам. Солҳои аввали ба ин хона келин шуда омаданам муносибати аҳли хонаводаи шавҳарам бо ҳамаи ҳамсояҳо хуб буд. Ҳамаи онҳо мисли апаву хоҳар ва акаву додар буданд. Рӯзҳои шодию ғам дар канори ҳам буданд, ҳар як хонадон тӯйхонаро мемонд, нисбати якдигар бадбинӣ надоштанд ва ҳеҷ гоҳ якдигарро таҳқир намекарданд. Бо гузашти замон ҳамсояҳои наздикамон хонаҳояшонро фурӯхта, аз ин ҷо кӯч бастанд. Мутаассифона, ҳамсояҳои навамон ин анъанаи некро давом дода натавонистанд ва ё нахостанд, зеро аз рӯзҳои аввали ҳамсоягӣ нисбати мо як ҳисси бадбинӣ пайдо карданд.

Акнун 14 сол мешавад, ки аз дасти ҳамсояамон Муродалӣ Пиров рӯзи сиёҳе аз сар гузаронида истодаем. Ӯ моро ба ҳоламон намегузорад. Миёни мо ҷангу ҷанҷолҳои зиёд сар зад ва оқибаташ ҳатто ба парвандаи ҷиноятӣ низ омада расид, аммо то ба ҳол касе роҳи ҳалли ин масъаларо наёфтааст…"

Дар номаи Холова омадааст, сабаби ҷангу ҷанҷолҳои ҳамсояааш Муродалӣ Пиров бо онҳо барои як порча замин аст, ки ӯ мехоҳад аз ҳисоби қитъаи замини наздиҳавлигии Д. Холова барои ба кӯча баромадан роҳ кушоянд. "Ҳол он ки мо аз соли 1969 инҷониб барои ин қитъаи муайяншуда, ки ҳуҷҷати якумра дорем, андоз месупорем. Мо аз забони баъзе ҳамсояҳо шунидем, ки А. Ҳакимов замони раиси ноҳияи Файзобод буданаш, барои хотима ёфтани ин баҳс ба М. Пиров, ки он вақт дар ҳукумати ноҳия ба ҳайси масъули хоҷагидорӣ кор мекард, аз ҷои дигар замини наздиҳавлигӣ додааст ва таъкид кардааст, ки «ҳамсояатро ба ҳоли худаш гузор». Вале ӯ он заминро фурӯхта то ба ҳол пофишорӣ мекунад, ки роҳи рафтуомадаш аз ҳисоби ҳавлии мо кушода шавад. Рӯз ба рӯз ҳисси бадбинияш нисбати мо зиёд шуда, ба восит[illegible] фириқонаш, ки дар мақомоти маҳаллии ҳ[illegible]ияти давлатӣ фаъолият доранд, ҳар лаҳза моро ҳушдор медиҳад, ки барояш роҳ кушоем".

"Намедонам Пиров ба Файзобод чӣ манфиат оварда бошад, ки ҳар боре мо ба мақомотҳои дахлдор муроҷиат мекунем, ин масъаларо ҷиддӣ баррасӣ намекунанд. Чаро масъулини ҷамоат ё вакилони маҳаллӣ ҷуръат намекунанд, ки омада як маротиба моро якҷоя шинонда аз Пиров пурсанд, ки чаро ӯ танҳо ба хонаи якум часпидааст? Ҳол он ки роҳи мо бо хонаи дуюм як буд ва хонаҳои сеюму чорум як роҳ доштанд. Касе ҳақиқати ҳолро ба он кас фаҳмонида наметавонад", -навиштааст муаллиф.

Ҳамчунин дар номаи Д. Холова қайд шудааст, ки 26-уми ноябри соли 2014 раиси ҳамонвақтаи ноҳия Имомназар Каримиён қароре баровардааст, ки дар он гуфта мешавад, биноҳои ёрирасони кӯчаи Рӯдакӣ-2 хароб карда шуда, замин ба ҳолати аввалааш баргардонида шавад. Ин ҳам дар ҳолест, ки Д. Холова нигоштааст: "Қарори И. Каримиён, собиқ раиси ноҳия танҳо ба мо дахл доштааст. Зеро ба ҷуз биноҳои ёрирасони мо ҳатто хишти каси дигареро аз ҷояш беҷо накарданд".

Вақте мо макони зисти Д. Холоваро дидем, ҳамаи биноҳои ёрирасон ва деворҳои валангоршудае, ки ба назар менамуд, ба гуфтаи номбурда ҳама аз они ӯ будааст ва ба дигарон кор нагирифтааанд.

"Умед дорам, ки нафарони масъули ноҳияи Файзобод пас аз хондани ин нома ба масъалаи мазкур ҷиддӣ машғул мешаванд ва ин баҳси мо хотима меёбад. Ва дигар касе моро "шумо рус ҳастед",- гуфта таҳқир нахоҳанд кард. Моро доим таҳқир карда нисбатамон ҳарфҳои носазо гуфта, "шумо русҳо аз ин ҷо кӯчида равед" мегӯянд. Ман бо чор фарзанд, ки ду нафараш донишҷӯй ҳастанд, дар як манзил ду оила зиндагӣ дорем, ба куҷо равем? Гарчанде ки модарони ману шавҳарам тоҷик набуданд, мо худро тоҷик меҳисобем, мо ҳам мусулмон ҳастем",-менависад Д.Холова.

Воқеан ҳам таассуфовар аст, вақте ки як баҳси кӯчак боиси ба хушунату бадбинӣ ва ба суд кашидани якдигар оварда мерасонад. Ин ҳам дар ҳолест, ки масъулини дахлдор бояд саривақт ин масъаларо ба таври бояду шояд ҳал мекарданд ва намегузоштанд, ки давоми 14 сол хушунату бадбинӣ миёни ҳамсояҳо идома ёбад. Умед аст, ки бо мусоидати шахсони масъули ноҳия ба баҳси доманадори миёни ҳамсоягон, ки инак чанд сол аст, мӯҷиби кинаву душмании онҳо гаштааст, нуқта гузошта мешавад ва ба як таҳқиқоти ҷиддие ниёз нахоҳад монд.

**Ибодуллоҳи ТОҲ[illegible]**



"*Инсон духтари хешро набояд зидди иродааш ба шавҳар диҳад.*"

**Аз "Қонуннома"-и Сосониён**

# БУНЁДИ ОИЛА САРОСЕМАГИРО НАМЕХОҲАД

**ЧУН** ба гузаштаи дури таърих ва ҳуқуқ, алалхусус ба замони Зардушт назар афканем, дар ин аҳд бунёди оила муқаддас дониста шуда, ба муносибати занону мардон дар заминаи ҳуқуқ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ огаҳем, ки қадимтарин намунаҳои аҳдномаи никоҳ дар сангнавиштаҳои кӯҳи Муғ пайдо шудааст. Яъне дар Шарқ аз қадим мустаҳкамии оила масъалаи бунёдӣ будааст.

Эълони Соли оила аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин нишони арҷгузорӣ ба нигаҳдошт ва вижагиҳои оилаи суннатии тоҷикон буда, мақсад аз ин ибтикори бузург рафъи дастҷамъонаи проблемаҳои мавҷуда, таблиғи устувории оила, пойдории ин сутуни муҳими давлатдорӣ ва рушди фарҳанги оиладорӣ мебошад.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат оиларо ҳамчун ҷузъи ҷомеа муқаррар намуда, ҳифзи ҳуқуқи оила,модару кудакро кафолат медиҳад.



Аз ин рӯ Президенти кишвар ва Ҳукумати Тоҷикистон дар барномаҳои давлатӣ стратегия ва консепсияи дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар таҳкими давлатдорӣ. солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намуда занонро ҳамчун чароғи оила,неруи созандаи ҷомеа дастгирӣ менамояд.

Як нишонаи ҳуқуқбунёдии давлат ин маърифати баланди ҳуқуқии мардум мебошад. Имрӯзҳо аризаҳои даъвогӣ оиди бекор кардани ақди никоҳ, муқаррар кардани падарӣ, маскун намудан ба манзили истиқоматӣ, рӯёнидани алимент ва тақсими моликияти умумӣ ва муштарак дар судҳо бештар ба назар мерасанд. Ин аз як тараф гувоҳи он аст, ки имруз шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ бештар бархӯрдоранд. Аз тарафи дигар, саросемагӣ дар бунёди оила ва тавлиди фарзандон бе андешаи фардои онҳо сабаби чунин баҳсҳои судӣ гардидаанд.

Агар дар судҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар нимсолаи соли 2014 воридоти аризаҳои даъвогӣ оиди бекор кардани ақди никоҳ 733 ададро ташкил медод, дар се моҳи соли 2015 ин категорияи аризаҳои даъвогӣ ба 705 адад расидааст.

Бояд қайд кард, ки ақди никоҳ ин иродаи ихтиёрии зан ва мард аст. Тибқи талаботи моддаи 12-и Кодекси оила шарти асосии он розигии издивоҷкунандагон ва расидан ба синни никоҳӣ, яъне 18-солагӣ мебошад. Аз ин рӯ, риоя накардани шарти моддаи мазкур, яъне маҳдудсозии ҳуқуқи интихоб аз ҷониби волидайн боиси оқибатҳои номатлуб гардида, шумораи бекоршавии ақди никоҳро дар ҷумҳурӣ афзун мегардонад.

Ҳамзамон омӯзиши парвандаҳо оид ба бекор кардани ақди никоҳ нишон доданд, ки мо аксаран девори кохи муқаддаси оиларо бе таҳкурсӣ мебардорем.

Мисоли мушаххас, Мунаввара Н. бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат карда, арз намудааст, ки моҳи июли соли гузашта оила барпо намуда. имрӯз хоҳиш дорад,ки никоҳи ӯ бекор карда шавад. Ҳангоми суҳбат даъвогар изҳор намуд, ки бо хоҳиши волидайн ба писари рафиқи падараш оиладор шудааст. Ба гуфтаи ӯ арӯсу домод қаблан ҳамдигарро умуман надидаанд. Ҷавонзан арз дошт, ки ҳатто барои ариза додан ба суд ба ҷои ӯ падари домод шиносномаашро гирифта, шояд худаш ариза дода бошад. Чунки уро барои ариза додан даъват накардаанд ва кормандони шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо вай суҳбат нагузаронидаанд. Пас муҳлати якмоҳа барои ариза додан ва омодагӣ дидан барои чист? Ба андешаи мо ин муҳлатест,ки ҷавонон бояд бори дигар ҳамдигарро санҷанд, андеша намоянд, ки оё ба ҳаёти оилавӣ бо ҳам омодаанд ё не?

Аксаран бар онанд, ки духтарони ноболиғи худро зудтар баобруй ба шавҳар диҳанд ва писарони худро зудтар хонадор карда қарзи волидайниро адо намоянд ва бо ваҷҳи он. ки вазъи зиндагии онҳо вазнин буда, вазъи зиндагии домод сабук аст, бе омодасозии ноболиғон ба ҳаёти мустакилона бо ариза барои кам кардани синни никоҳӣ ба судҳо муроҷиат мекунанд. Ин хоҳиши тангу тори волидайн боиси вайронии оила ва ё бе масъулиятии онхо нисбати фарзандон мегардад.

Таҷрибаи судӣ муайян намуд, ки соли 2014, аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 2600 (994) парвандаи оилавӣ доир ба кам кардани синни никоҳӣ баррасӣ гашта, аз ҳисоби он парвандаҳои баррасӣ намудаи судҳои ноҳиявии шаҳри Душанбе 286 ададро ташкил дода, назар ба соли 2013 камтар аст. Зеро, дар соли 2013, аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 2806 адад парвандаи оилавӣ доир ба кам кардани синни никоҳӣ баррасӣ гаштааст, ки аз ҳисоби он парвандаҳои баррасӣ намудаи судҳои ноҳиявии шаҳри Душанбе 333 ададро ташкил медиҳад. Барои кам кардани синни ақди никоҳӣ тибқи талаботи моддаи 13-и КО Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳолатҳои истиноӣ вуҷуд дошта бошанд, ки қонунгузор ин ҳолатҳоро муқаррар накардааст. Таҷрибаи судӣ шаҳодати онро медиҳад, ки аз ҷониби аризадиҳандагон, ҳамчун ҳолатҳои истисноӣ барои кам кардани синни ақди никоҳӣ сабабҳои зерин нишон дода мешавад: вазнинии шароити аризадиҳанда ва аҳли оилааш, дар қайди ҳаёт набудани падару модари аризадиҳанда, бемории яке аз падару модари аризадиҳанда, Пиронсолии бибию бобо, муҳаббати арӯсу домод ва ғайра.

Аз ин рӯ, вақти он расидааст, ки моддаи 13 Кодекси оилаи мукаммал гардонида шуда, дар он номгӯи ҳолатҳои истисноӣ ва пешниҳоди маълумотнома оиди вазъи саломатӣ ва вазъи моддии издивоҷшавандагон мушаххасан ворид карда шавад.

Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки соли 2014 зиёда аз 11 ҳазор нафар ба судҳо бо даъво оиди бекор кардани акди никоҳ муроҷиат намудаанд.

Аз таҷрибаи баррасии парвандаҳо оиди бекор кардани ақди никоҳ бармеояд, ки сабаби асосии барҳам хӯрдани оилаҳои ҷавон ин саросемагӣ дар бунёди оила, барвақт ба шавҳар додани духтарон, омода набудани ҷавонписарон аз ҷиҳати моддӣ ва фарҳанги оиладорӣ, костагии ҳусни муошират ва муомила дар оила ва беэътиноӣ ба риояи шартҳои никоҳ ва муоинаи тиббии никоҳшавандагон мебошад.

**Машҳура ҲАСАНЗОДА**
*судяи суди шаҳри Душанбе*

Минбари халқ
10 июни соли 2015,
№24 (1003)

# ХУШКИДА БОД ДАСТЕ, КИ БА КУРУШ САНГ МЕАНДОЗАД...

## Ё сухане чанд пиромуни хештаншиносӣ ва фарҳанги номгузорӣ

**Қабл аз он, ки мавзӯро оғоз бахшем, ин ҷо мехоҳам ба сифати муқаддимаи он як ҳодисаро нақл кунам. Чанд сол қабл, замони "тиллоӣ"-и донишҷӯӣ ҳамроҳи яке аз дӯстон дар боғи марказии пойтахт фориғ аз ташвишҳои рӯзгор дар сайругашт будем. Ин ҷо бо як ҷавони суриягии меҳмони кишвар шинос шудем, ки ӯ ҳам лаззат аз зебоиҳои баҳори Меҳани маҳбуби мо мебурд.**

**МАВСУФ**, ки Аҳмад ном дошт, дар яке аз донишгоҳҳои маъруфи Русия таҳсил намуда, забони русиро хуб балад будааст, ки суҳбати моро хеле осон мекард. Ҳини суҳбат тасодуфан китоби дар даст будааш ба замин афтод ва хост хам шуда онро бардорад. Ҳангоми хам шудани Аҳмад занҷираи дар гардан овезони ӯ, ки салибчае дошт, аз таги куртаи варзишиаш намудор шуд. Фаҳмидам, ки аз арабҳои насронист. Аммо салиби ӯ дӯсти маро сахт муттаҳайир сохт ва миёни онҳо муколамаи аҷибе сурат гирифт, ки анқариб буд мӯҷиби як низои диниву мазҳабӣ шавад. Ту гӯйӣ, ки қиёфаи дӯсти маро як абри сиёҳ пахш кардаву зулмот фаро гирифта…

- Ту… динфурӯшӣ?!- бо як кароҳият пурсид дӯсти ман.

- На, ман аз оғоз дар дини аҷдодони худ содиқ ҳастаму хоҳам монд,- ҷавоб дод Аҳмад.

- Ман дуруст фаҳмидам, ту араб ҳастиву номат Аҳмад мебошад?!

- Бале, араб ҳастам, аз Сурия, номам Аҳмад, ба Тоҷикистон чун сайёҳ омадаам. Ин чӣ ҷойи ҳайрат аст?



- Чаро салибро дар гардан овехтаӣ?!

- Ин ҷузъи эътиқодоти ман аст, чун насрониям. Дӯсти тоҷики ман, агар хабар надошта бошӣ, дар олам қабоили арабие мавҷуданд, ки дини насрониро пайравӣ мекунанд ва шумораашон низ андаке нест. Қабл аз ислом, ки шумо онро замони "ҷоҳилият" меномед, арабҳо бутпарасту масеҳӣ ва пайравони Яҳуво (ба истилоҳ, Яхве - исми Худо дар ойини яҳудия), ҳаниф (яктопараст) низ буданд, шумо ҳам соҳиби кеши худ будед, таърихро хондайӣ?

- Чаро номи мусулмониро гирифтайӣ?!

- Кӣ гуфт, ки номи ман мусулмонист? Усқуфи (епископ-яке аз унвоноти динии масеҳӣ) маҳали мо Ҳабиб ном дорад, падарам Юсуф, амӯям Усмон ва бародарам Иброҳим ном доранд. Ва ҳазорсолаҳо номгузории мо чунин аст. Ин номҳо на мусалмонӣ, балки сирф сомӣ (арабӣ, яҳудӣ) ҳастанд. Умуман, узри маро қабул фармоед, маро дигарбора хоҳиши сухан гуфтан бо шумо нест…

Оре, ҷавоби Аҳмад мушти маҳкаме буд бар даҳони бефаровез, гарчи "соҳибдаҳон" аз дӯстони наздики ман буд. Имрӯз дар ҷомеаи муосири мо раванди гузоштани ном бар фарзандон ду тамоюлро думболагир аст, ки такя бар он метавон сокинони кишварро ба ду гурӯҳи дар ин масъала комилан ба ҳам мухолиф ҷудо намуд. Аввалан, афроде, ки худро пайравони ҳақиқии ниёгон мешуморанд, номҳои сирф ориёии эрониро ба фарзандон мегузоранд. Ба ин гурӯҳ бештар қишри зиёии кишвар дохил мешавад. Гурӯҳи дуввум майл ба номҳое доранд, ки "марбут" ба дини Ислом ва ашхоси маъруфи он ҳастанд. Қисми ғолиби таблиғгарони ин исмҳоро маскунини деҳотии кишвар ташкил дода, эшон афроди сахт мазҳабианд, ба ҳар ҳол худро чунин мешуморанд. Ҳар ду гурӯҳ худро ҳомиву пуштибони фарҳангу таърихи миллӣ медонанд ва дар ақидаашон устуворанд.

Ҳарзагӯйӣ дар ин самт ончунон сарҳадҳоро убур кардааст, ки ҳамакнун асотир бо далели таърихӣ печидаву афсона бо ривоёт… Ошноям Ҷамшед боре иброз дошт, ки мехоҳад номашро ба Абдулло табдил бидиҳад. Сабаб пурсидам. Гуфт:

-Ҷамшед ном шоҳе буда, ки пайваста мусалмон мекуштааст.

- Кӣ инро ба ту гуфт?

- Мулло.

- Бирав, ба муллоят бигӯ, ки ҳарзаашро сари сагони дайду фурӯ резад.

Ба ӯ фаҳмонидам, ки шоҳ Ҷамшеди нимасотирӣ замоне ҳукмронӣ намудааст, ки ҳатто асосгузори дини куҳантарини ҷаҳонӣ- Сиддҳарта Гаутама (Буддо) ҳазорсолаҳо баъд тавлид шуда, чӣ монад ба дини мубини Ислом, ки хатми динҳост. Сабаби хашми рӯҳоният инак тӯли қарнҳо ҷашни Наврӯзи Оламафрӯз аст, ки анқариб якуним ҳазор сол алайҳаш муборизаҳои бесамар бурдаанд ва тибқи ривоёт асосгузори ин иди аслии ориёнажодон Шоҳ Ҷамшед буд. Ва ҳамин, ба истилоҳ, "уламо" дарки онро надоранд, ё худ ин нуктаро қасдан нодида мегиранд ( гумон дорам, фарзияи аввал дуруст аст), ки худи Паямбари Ислом Ҳазрати Муҳаммад (с) нисбати ҷашни ориётаборон- Наврӯзи фархундапай ва умуман, миллати Форс як эҳтироми хос дошт, ки такя бар ин ҳадисҳои саҳеҳ мавҷуданд. Ҳангоме ки худи Расули Акрам ба миллат ва фарҳанги бузурги мо арҷ гузошта, чӣ расад ба манқуртони бесаводи худӣ, ки мутаассифона имрӯз сафашон кам набудаву иддае аз мо ба онҳо эътимод дорем…

Ва боз як "хушхабар"-и дигарба ҳамин қарибӣ Парвиз исмашро ба Умари Форуқ иваз кардааст. Чӣ хуш, ки боз як "мусалмони асил" зиёд шуд…

Номҳои сомӣ (арабӣ) баъд аз замони ҳуҷуми арабҳо миёни қавмҳои ориётабори Ховари Наздик ва Осиёи Марказӣ ройиҷ гашт. Аъроби пешазисломӣ, замони ба истилоҳ "ҷоҳилият", ки қисми ғолибашон бутпараст буданду тарсу бовар ба ҳаводиси табиӣ доштанд, ба атфол номҳои хосе мегузоштанд, ки лақабӣ буданд. Тарс аз "ҷину парӣ"-ҳо онҳоро водор мекард, ки бо мақсади "фиреб додан"-и ин махлуқоти манфӣ номҳое гузоранд, то ки ба фарзанд газанде нарасад. Тариқи мисол, Ёмут- "мурда", Аббос- "бадқаҳр", Ойиша- "зинда бимон", Хадича- "кӯдаки норасид" (ба истилоҳи русӣ- "выкидыш"), Абубакр- "падари шутури ширхор", Абуҳурайра- "падари гурбаҳо". Ё "Йишмаел"-и қадимии яҳудӣ, ки ба арабӣ ба Исмоил табдил шудаву маънои "Худо гӯш дорад" ("гӯш карда истодааст")-ро дорост, ва бисёру бисёри дигар. Лоту Маноту Уззо ва ҷамъи дигар бутҳои "муқтадир" дар ҳаёти арабҳо таъсири бисёр мазбут доштанд. Ҳамаи инҳоро пайдоиш қабл аз исломист ва номҳои ашхоси маъруфи исломианд, ки мо мусалмонон ба онҳо маҳбубият дорему эшон ҷумла ифтихороти мо ҳастанд. Ривоёте мавҷуд аст (саҳеҳияташро кафолат нахоҳем дод), ки Паямбари Ислом номи Азиз ва Абдулазизро, ки аз маҳбубтарин номи мусалмонон, аз ҷумла тоҷикон аст, низ дӯст намедошт, чун ҳисоб мешуд, ки ин ном реша аз Уззояке аз худоёни маъруфи қабоили араб мегирифт. Ё ин ки исми Наср, ки дар мо тоҷикон номи Насриддин хеле паҳн шуда. Маънои "наср" аз забони арабӣ уқоб аст ва тотеми (ҳайвони муқаддаси) пешазисломии яке аз қабилаҳои араб буд, ки ҳатто бути худро низ дошт. Пас ҳар он исме, ки пасванди "дин" дорад, мо ҳамчун номҳои "исломӣ" қабул фармоем, пас чи гуна як паррандае, ки рамзи муқаддаси як қабилаи араб буда, тавониста "пару бол зада" ба Ислом дарояд? Ё исми бисёр маъруф миёни мардуми мо - Шамсиддин. Магар гуфта мешавад, ки ин ном зери таъсири мардумони куҳане, ки замоне Офтобро парастиш доштанд, ба дини мубини мо даромада? Хӯрдагирӣ дар ин масъала корест бемантиқ. Тақводориву парҳезкорӣ марбут ба ном нестанд (ҳарчанд бархе ба ин андешаанд , ки ном ба тақдири инсон бетаъсир набуда). Афроди зиёд дар таърих бо исмҳои Абдуллову Маҳмуду Муҳаммаду Исмоил ва ғ. бедодгариву мардумозорӣ намудаанд ва баръакс, Парвизу Хусраву Фаридуну Ҷамшедҳои зиёде буданду ҳастанд бо ахлоқи ҳамидаву парҳезкорӣ.

### МАҲМУДИ ДАСТОНИ ТО КИТФ ОҒӮШТА БА ХУНУ КУРУШИ КАБӮТАРИ СУЛҲ ДАР ДАСТ

Таърих саҳифаҳои бисёр аҷиб дорад ва мебояд баҳри дарки худогоҳиву хештаншиносӣ онҳоро варақ бизад, то ин ки дар зиндагӣ сабақ бошаду аз он биомӯхт. Чуноне гуфтаанд, "касе бо таппонча ба гузашта тир холӣ мекунад, оянда бо тӯп ҷавоб хоҳад гардонид". Ин ҷо мехоҳам якчанд лаҳзаҳои таърихи инсониятро манзури хонандагон гардонам, ки хеле ҷолиб ҳастанд.

Дар "Китоби футуҳот"-и ибни Осими ал-Куфӣ таърихи забти Арманистон аз ҷониби яке аз сарҳангҳои "лашкари ислом" Муҳаммад ибни Марвон - бародари халифа Абдулмалик (685-705) омадааст. Халифа бародарашро "Ҳокими Ҷазира, Озарбойҷон ва Арманистон" таъин карда буд.

Вақте ин ҳоким ва сарлашкар "то дили мамлакати Арманистон расид, ба муқобили ӯ анбӯҳи зиёди визонтиҳо ва арманиҳо (аррум вал - арман) баромаданд. Аммо Аллоҳи бузург мушриконро ба гурез оварда, муслиминро бо сарпарастиаш устувор намуд. Муслимин қисми бузурги онҳоро ба қатл расониданд, кишвари онҳоро забт ва моликияташонро ғанимат гирифтанд.

…Баъд аз ин Муҳаммад ибни Марвон сари бузургони онҳо (арманиҳо) қосид фиристод ва ваъдаи онро бидод, ки бо онҳо сулҳ хоҳад кард ва фарди дилхоҳашонро сарашон ҳоким хоҳад гузошт. Ӯ хеле онҳоро розӣ мекард, то он даме, ки онҳо ба ӯ (ибни Марвон) самимона бовар карданд. Баъдан онҳо ҷамъ бишуданд ва ӯ такя ба шароити ба онҳо мувофиқ бо онҳо сулҳ баст.

Аммо Муҳаммад ибни Марвон чунин гуфт; "Ман ба шумо эътимод надорам, бинобар ин ба калисоҳои худ дароед ва қасам бихӯред, ки уҳдадориҳоятонро содиқона ба ҷо меоред. Баъд ба ман гаравгонҳоро медиҳед ва ба манзилҳоятон бармегардед, Худо шуморо раҳнамун бод!"

…Онҳо ба ин амал розӣ шуданд. Баъд ба калисоҳои худ даромаданд. Ва вақте, ки ӯ (Муҳаммад ибни Марвон) фаҳмид, ки ҳама дар калисоҳо ҷамъ омаданд, фармон дод, ки дарҳои онҳо мӯҳкам карда шавад. Дарҳо мехкӯб шуданд ва ба калисоҳо нафт пошиданду онҳоро сӯзониданд.

Ин калисоҳоро то ҳол "сӯзонидашуда" (ал - мухтаъриқа) меноманд".

Чӣ даҳшат… Ин далели қасамшиканиву зинда ба зинда сӯзонидани ашхоси бегуноҳ дар осори дигар таърихнигорон, чӣ арабӣ (ал - Балозурӣ, ал - Яъқубӣ), чӣ арманӣ - Гевонд, Мовсес Каганкатваци, Киракос Гандзакеци, Вардан низ омадааст. Ва ин саҳифаи сиёҳи таърих абадӣ дар хотираи арманиҳо нақш бастааст, ки садсолаҳо мӯҷиби нафрату нобоварӣ нисбати мусалмонон буду ҳаст. Ҳамаи ин бо "шарофати" марде бо исми Муҳаммад… (марди бузурге бо номи Муҳаммад миллатҳоро ба шинохти Офаридгори Якто ва ахлоқи ҳамида даъват сохта буд, фарди дигаре бо ин ном бо шикасти қасаму надоштани қавли мардона ашхоси зиёдеро тӯъмаи оташ намуд. Мефаҳмед, мубаллиғони "номҳои сирф исломӣ"?)

*(Давом дорад)*

**Азамат ДӮСТОВ**



# Туркманистон: ҷашни бузург ва пуршараф

**Имсол барои Ҷумҳурии Туркманистон соли махсус ва пурифтихор мебошад. 20 сол пеш ҳукумати Туркманистон оиди бетарафии доимӣ қарор қабул карда буд. Дар ҷаласаи васеи Шӯрои вазирон, ки 11 декабри соли 2014 барпо гардид, Президенти мамлакат муҳтарам Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов пешниҳод намуд, ки соли 2015 соли бетарафӣ ва сулҳ эълон карда шавад ва ин таклиф бо як овоз қабул карда шуд.**

**20** соли гузашта нишон дод, ки қарори бетарафии доимӣ хеле оқилона буд ва натиҷаҳои бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дода тавонист. Ин замон обрӯ ва эътибори Туркманистон дар арсаи байналхалқӣ хеле баланд гардида, омили асосии инкишофи босуръат ва устувори иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар гардид.

Иқтисоди мамлакат бо суръати баланд рушд кард. Алҳол Туркманистон байни панҷ кишваре ҷой гирифтааст, ки суръати рушди 20 солаашон аз ҳамаи кишварҳои олам баланд мебошад. Танҳо соли 2014 маҷмӯи маҳсулоти дохилии Туркманистон 10,3 % зиёд шуд. Дар мамолики пасошӯравӣ рушди маҳсулоти ягон кишвар ба ғайр аз Туркманистон ба чунин суръати баланд ноил нашудааст. Дар байни солҳои 2009 - 2014, яъне байни 5 сол даромади миёнаи солонаи аҳолии кишвар беш аз 2 маротиба афзуд.

Вобаста ба суръати рушд ҳатто намояндагии Хазинаи байналмилалии асъор ба хулоса омад, ки дар 3 - 7 соли наздик иқтисоди Туркманистон бо афзоиши хеле тез ва устувори худ фарқ хоҳад кард. Дар ҳуҷҷатҳои ба табъ расидаи ин Хазина қайд гардидааст, ки тамоилҳои солҳои охир ҷойдоштаи рушди босуръати сектори истеҳсолии мамлакат минбаъд низ идома хоҳанд ёфт. Дарояндаи наздик мамлакат байни давлатҳои сердаромадтарини ҷаҳон ҷойгир шуда метавонад, барои захираҳои меҳнатии худ, ки хеле тез меафзоянд, ба тариқи кофӣ миқдори зиёди ҷойҳои кории навро фароҳам месозад.

Чи тавре ки маълум аст, боигарии асосии Туркманистон-нафт, гази табиӣ, сулфур, калий, фосфат ва як қатор минералҳо ва фулузот мебошанд. Даромадҳои пулие, ки ҳукумат аз фурӯши газ ва нафт ба даст меорад, бо мақсадҳои такмили сохтори соҳавии иқтисод, диверсификатсияи истеҳсолот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода мебарад. Ин барои ба вуҷуд овардани сохтори бисёрсоҳаи пурсамари замонавӣ имкониятҳои мусоидро фароҳам овард.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Туркманистон вазифаи ташаккули иқтисодиёти саноатию инноватсиониро яке аз вазифаҳои муҳимтарине мешуморад, ки хусусияти стратегӣ дорад.

Фарқияти хеле мусбати Туркманистон аз кишварҳхои дигари нафту газ- истихроҷкунанда дар он аст, ки ин ҷо системаи марказонидашудаи коркарди конҳо ва истифодаи ашёи хом амал мекунад. Дар ин соҳа сиёсати ягонаи давлатӣ вуҷуд дорад, ки он ба Вазорати саноати нафту газ ва захираҳои маъдани Туркманистон супорида шудааст. Мувофиқи иттилооти аниқгардида захираҳои нафт ва гази кишвар ба 71,2 млрд. т мерасанд (мувофиқи эквиваленти нафтӣ). Чунин миқёс барои боз ҳам тезонидани истихроҷи захираҳои номбурда имконияти хеле мусоид фароҳам меоварад. Дар назар дошта шудааст, ки танҳо дар байни солҳои 2012 - 2016 ҳаҷми умумии истихроҷи нафт ба 55,9 млн.т ва ҳаҷми умумиии истихроҷи газ ба 448,7 млрд. метри мукааб расонида хоҳад шуд.

Қисми таркибии комплекси сӯзишворию энергетикии Туркманистон системаи энергетикие мебошад, ки аз нерӯгоҳҳои тавонои барқӣ, хатҳои пуриқтидори электрикӣ, шабакаи миқёсан васеи тақсими барқ иборатанд. Нерӯи барқии мамлакат имкон медиҳад, ки на танҳо талаботи дохилии иқтисод ва аҳолӣ бо барқ комилан қонеъ гардонида шавад, балки барқи аз меъёр беш тавлидгардида ба Туркия, Эрон, Афғонистон ва дарояндаи наздик ба Тоҷикистон низ содир карда шавад.

Дар вилояти Лебап аз тарафи геологҳо конҳои бузурги сулфур, намакҳои калий, селестин, оҳаксанг ва ғайра кашф карда шудаанд. Ҳоло дар вилояти номбурда сохтмони калонтарин дар фазои пасошӯравӣ комплекси саноати кӯҳӣ оид ба истеҳсоли нуриҳои калий вусъат ёфтааст. Вай имкон хоҳад дод, ки солҳои наздик ин ҷо аз 1 то 5 млн. т нурии калий истеҳсол карда шавад. Дарояндаи дарозмуддат истеҳсоли ин мавод то ба 4 млн. т расонида хоҳад шуд.

Конҳои маводи кимиёӣ, ки дар халиҷи Қаробоғазгол ҷойгир шудаанд, аҳамияти бағоят калони иқтисодӣ доранд. Солҳои зиёде дар ин мавзеъ иттиҳодияи истеҳсолии "Қаробоғасулфат" чунин маводи хеле муҳими кимиёӣ, аз қабили сулфати натрий, магний (энсомит) инчунин магнии хлордор (бишофит) истеҳсол менамояд. Маводи номбурда дар истеҳсоли шиша, коғаз, васоити кимиёвии либосшуӣ, дефолиантҳо, яъне маводи баргрезонӣ, тавлиди маҳсулоти гуногуни бофандагӣ, кимиёӣ, металлургӣ, чарму пӯст, маҳсулоти сохтмон ва кишоварзӣ истифода бурда мешаванд.

Дар атрофи ш. Марв, ки яке аз марказҳои қадимаи тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад, ҳоло сохтмони корхонаҳои тавлиди аммиак ва карбамид идома дорад. Ин корхонаҳо бо таҷҳизоти технологии беҳтарини ҷаҳонӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд. Иқтидори пурраи истеҳсолии корхонаҳои мазкур мувофиқан ба 400 ҳазор т аммиак ва 640 ҳазор т. карбамид баробаранд. Дарояндаи наздик бо дарназардошти корхонаҳои амалкунанда дар Туркманистон соле бештар аз 1 млн. т нуриҳои азотӣ истеҳсол карда хоҳад шуд.

Дар вилояти Балкан заводи семент ба фаъолият шурӯъ кард, ки иқтидори истеҳсолиаш 1 млн. т мебошад. Сохтмони боз як завод бо иқтидори 1 млн.т семент дар вилояти Лебап ба анҷом мерасад.

Дар замони бетарафии доимии Туркманистон соҳаи кишоварзии он ба пешравиҳои азиме ноил гардид. Солҳои охир дар сар то сари кишвар ба ҳисоби миёна тақрибан 1,5 млн. т пахта истеҳсол карда мешавад. Дар ин бобат нақшаҳои зиёде дарояндаи наздик амалӣ хоҳанд гардид. Талабот нисбати пахтаи туркманӣ сол аз сол меафзояд. Аммо ҳукумати Туркманистон ва хусусан Президент Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ҳамаи чораҳоро мебинанд, ки ҳиссаи коркарди саноатии пахта дар дохили мамлакат босуръат афзояд. Вазифа гузошта шудааст, ки дар аксари ҳолатҳо коркарди саноатии пахта то сатҳи тавлиди маҳсулоти ниҳоӣ расонида шавад. Бо ин сабаб дар мамлакат паси ҳам корхонаҳои азим ба монанди "Туркменбоши Джинс комплексы", "Туркменбоши текстиль комплексы", комбинатҳои бофандагии Байрамалӣ ва Геоктеппа, комплекси бофандагии Қипчоқ бунёд шуда, маводе истеҳсол менамоянд, ки дорои бренди тиҷоратӣ мебошанд.

Корхонаҳои номбурдашуда қисми асосии маводи истеҳсолшавандаро барои содирот равона хоҳад кард. Мувофиқи нақшаҳое, ки аз он бармеоянд, таркиби содироти Туркманистон торафт бештар гуногунранг мегардад. Хусусан, роҳбарияти кишвар ба масоили рушди ҳадафи содирот доштаи ҳунарҳои халқӣ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ҳар сол дар бозори ҷаҳонӣ ба миқдори 6,5 - 7,5 ҳазор метри мураббаъ қолинҳои нотакрор ва зеботарини туркманӣ фурӯхта мешаванд. Чунин қолинҳо хусусан дар Олмон, Итолиё, Британиёи Кабир, Юнон, Фаронса, Белгия ва кишварҳои дигари Аврупо талабгарони зиёде пайдо кардаанд.

Дар таркиби содироти мамлакат, бидуни шубҳа, мавқеи содироти нафту газ ва маводи коркарди он нақши асосиро мебозад. Ҳоло гази Туркманистан ба Русия, Украина, Чин (тавасути Ӯзбекистон ва Қазоқистон) содир мегардад. Дар байни Чин ва Туркманистон созишномае ба имзо расонида шудааст, ки мувофиқи он то ба Чин лӯлаи газ сохта мешавад, ки ҳаҷман хеле калон мебошад. Бояд гуфт, ки он аз қаламрави Тоҷикистон ва Қирғизистон мегузарад ва як қатор ширкатҳои сохтмонию васлкунии Тоҷикистон дар бунёди ин иншооти азим иштирок хоҳанд кард.

Албатта, сохтмони лӯлаи интиқоли газ бо номи ТАПИ (Туркманистон - Афғонистон - Покистон - Ҳиндустон) машҳур гардидааст, дар таърихи алоқаҳои берунии иқтисодии Туркманистон саҳифаи дурахшоне хоҳад буд. Ба истифода додани он дар 3 - 7 соли наздик, бидуни шубҳа, боиси боз ҳам босуръаттар шудани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мамлакат хоҳад гашт.

Роҳбарияти Туркманистон зимни рушди ҳаматарафа ва босуръати иқтисоди мамлакат барои рушди инсон ва боло бардоштани сатҳи зиндагии мардум саъй мекунад. Ҳоло дар Туркманистон барои мардум нон, гази табиӣ, сӯзишворӣ, об ва намак бепул таъмин карда мешаванд. Сатҳи истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ аз бештари давлатҳои пасошӯравӣ баландтар мебошад.

Сиёсати иҷтимоии ҷумҳурии Туркманистон барои амалӣ гардонидани шиори "Давлат дар хизмати инсон" равона карда шудааст. Ин шиори хеле башардӯстона бо ташаббуси шахсии Президенти кишвар муҳтарам Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов пешниҳод шуда буд. Ҳоло дар Туркманистон тамоми аҳли ҷомеъа барои комилан дар ҳаёт татбиқ гардондани он ҳамчун вазифаи ҷиддии сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ саъю кӯшиш доранд.

Шаҳрҳо низ дар Туркманистон бо суръати баланд ва дар асоси лоиҳаҳои нави шаҳрсозӣ рушд меёбанд. Ҳоло Ашқобод ба яке аз шаҳрҳои зеботарини сайёра табдил ёфтааст. Он ҳатто дар маҳвораҳои дар кайҳон буда, ба осонӣ фарқ мекунанд.

Бояд махсус қайд намуд, ки тамоми пешравиҳои азими Туркманистон, ки солҳои охир ба назар мерасанд, ба ҳаёт ва фаъолияти фарзанди вафодори халқи Туркман, яке аз роҳбарони намоёни сиёсии фазои пасошӯравӣ Президенти ҷумҳурӣ Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов вобастагӣ доранд. Дар ин солҳо обрӯю эътибори Туркманистон ва халқи бародари туркман дар арсаи байналхалқӣ ба маротиб афзуд. Замони роҳбарии ӯ Туркманистон дарҳои худро ба сӯи ҷаҳониён васеътар боз кард, асосҳои демократии рушди ҷомеа ва давлат хеле мустаҳкам гардиданд, иқтисоди мамлакат бо иқтисоди ҷаҳонӣ дар он сатҳе,ки ба манофеъи, ки кишвар хеле мувофиқ аст, пайваст шуд. Ба замми ин, зимни инкишофи муносибатҳои дутарафа бо ташаббуси Президент Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов алоқаҳои иқтисодии байни Туркманистон ва кишварҳои минтақаҳои Осиёи Миена, Осиёи Ҷанубӣ ва Ховари Миёна ташаккул ёфтанд ва баҳампайвастагии онҳо ба таври назаррас зиёд шуд. Бо ҳамин сабабҳо ҳам дар Туркманистон, ҳам берун аз ҳудуди он Президенти ин кишварро самимона дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд.

**Ш. ҶАЛОЛОВ,**
*муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои ҶТ*

**Д. КУЛАКОВ,**
*раиси ҷамъияти туркманҳои Тоҷикистон*

Маърифати ҳуқуқӣ

*Ҳамагон медонем, киояндаи ҳар як давлату миллат ва пойдеворию устувории он аз насли наврас, яъне аз кӯдакон вобаста аст. Дар қонунгузории Тоҷикистон ҳимояи кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони бесарпараст, кӯдаконе, ки аз падару модар маҳрум мондаанду муҳтоҷи нигоҳубин ва тарбия мебошанд, дар мадди аввал меистад.*

# ФАРЗАНДХОНДӢ ЧӢ ГУНА СУРАТ МЕГИРАД?

## КӮДАКОН БОЯД ҲАМЧУН ГАВҲАРАКИ ЧАШМ ҲИФЗ КАРДА ШАВАНД



**ТИБҚИ** талаботи моддаи 125 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарзандхондӣ шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бепарастор мебошад.

Фарзандхондии кӯдакони ноболиғ ба манфиати падару модар, ҳамчунин бо дарназардошти имконияти инкишофи пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак иҷозат дода мешавад. Ҳангоми ба фарзандхондӣ додани кӯдак, пеш аз ҳама шахсият, дараҷаи фарҳанг ва амволи ба фарзандхондӣ қабулкунандагон оид ба фароҳам овардани шароити моддию манзилии кӯдак, муҳити якдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтиром, меҳру муҳаббат ба якдигар, шароит барои гирифтани маълумот ва инкишофи маънавии кӯдак, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳамаи имкониятҳои номбурда бояд бо далелҳо исбот гарданд.

Шахси ба фарзандӣ қабулкунанда ихтиёран ба дӯши худ тамоми уҳдадориҳои, қонун ба падару модари кӯдак вогузор кардаро гирифта, ҳамон ҳуқуқҳое, ки падару модари кӯдак доранд, ба даст меорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои фарзандхондӣ бояд манфиати худи кӯдаки ба фарзандӣ қабулшаванда ба инобат гирифта шавад, на ин ки манфиати фарзандхондкунанда. Чунки дар оянда оиди ин масъала баҳсҳо ба вуҷуд наоянд. Инчунин фаҳмонида шавад, ки сирри фарзандхондӣ нигоҳ дошта шавад, зеро қонунгузор барои фош кардани фарзандхондӣ ҷавобгариро пешбинӣ кардааст. Дар ҳама маврид судя бояд ҳангоми баррасии парвандаҳои фарзандхондӣ ба хатоӣ роҳ надода, кӯшиш намояд, ки кӯдак ба оилае дода шавад, ки шароити хуби зиндагӣ дошта бошад, муносибаташ бо кӯдак ба мисли фарзанди худ буда, ӯро ҳамчун фарзанди худ қабул карда тавонад. Судя ҳамаи инро ба инобат гирифта, қарори асоснок барорад, ки дар оянда боиси бекор шудани он нагардад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки танҳо кӯдакони бепарастор ба фарзандхондӣ қабул карда намешаванд, дар баробари онҳо кӯдаконе, ки падару модар доранд, аммо шароити зиндагиашон хуб нест ва волидайн аз уҳдаи таъминоти фарзандашон баромада наметавонанд ба фарзандхондӣ қабул карда мешаванд. Вале танҳо бо розигии волидони онҳо.

Фарзандхондӣ бо розигии ҳатмии падару модар сурат мегирад. Дар сурати набудани онҳо розигии мақомоти васоят ва парасторӣ зарур аст. Агар кӯдак ба синни даҳ расида бошад, дар ин маврид розигии худи кӯдак низ ба инобат гирифта мешавад. Мақсади қонунгузор низ ҳамин аст, ки кӯдакон бепарастор будани худро ҳис накунанду дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия ёфта, соҳиби илму дониш гарданд, ва аз ҷамъият дур намонанд. Кӯдакон бояд ба оилаҳои солим ба фарзандӣ дода шаванд, яъне оилаҳое бошанд, ки намунаи ибрати дигарон ва аз уҳдаи таъминот, таълиму тарбия ва умуман ба воя расонидани кӯдак баромада тавонанд.

**Шахсоне, ки кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул менамоянд, уҳдадор мешаванд, ки ӯро ҳамчун падару модари аслӣ таълиму тарбия дода, таъминоташро ҳаматарафа ба дӯш гиранд, дар бораи хушбахтии ӯ ва фарзанди сазовори ҷомеа ба воя расониданаш ӯ кӯшиш ба харҷ диҳанд.**

Масъалаи ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак тариқи суд сурат мегирад. Суд аризаро дар бораи фарзандхондӣ баррасӣ намуда, дар бораи қонеъ намудан ё рад кардани хоҳиши шахси фарзандхонд ҳалнома қабул мекунад. Дар натиҷаи қонеъгардонии хоҳиши фарзандхондӣ суд кӯдакро фарзанди шахси мушаххас эътироф мекунад ва дар ҳалнома ҳамаи маълумоти вобаста ба фарзандхондшаванда ва шахси ба фарзандӣ қабулкунандаро зикр менамояд. Баъди қувваи қонунӣ гирифтани ҳалномаи суд, фарзандхондкунанда метавонад дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ кӯдакро ҳамчун фарзанди худ қайд намояд.

Фарзандхондиро бекор кардан мумкин аст, агар ба манфиати кӯдак набошад, фарзандхондкунанда аз ҳуқуқҳои худ сӯистифода намояд, майзада ва нашъаманди ашаддӣ бошад ва ошкор гардад, ки кӯдак дар оилае тарбия мегирад, ки баояндаи ӯ таъсири манфӣ мерасонад.

Фарзандхондӣ танҳо дар асоси қонун иҷозат дода мешавад. Лекин баъзе оилаҳо бе расмӣ гардонидани фарзандхондӣ кӯдакашонро ба хешу табори худ ба фарзандӣ медиҳанд, ки дар оянда боиси баҳсу мунозираҳо шуданаш мумкин аст.

Бояд зикр кард, ки Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул карданро иҷозат додааст.

Ба оила қабул кардани кӯдаки бегона ва ба воя расонидани он кори мушкил ва масъул мебошад. Бинобар ин фарзандхондӣ зери назорати қатъии давлат қарор дорад.

Дар баробари ин Сарвари давлатамон дар ҳамаи баромадҳову сафарҳояш ба муассисаҳое, ки дар он ҷо кӯдакони бепадару модар тарбия меёбанд ё ба ҳамаи кӯдакони ятим доимо муроҷиат карда мегӯяд, ки "шумо бесоҳиб нестед, соҳиби шумо давлат аст, давлат шуморо ҳаргиз танҳо намемонад". Суханони Роҳбари давлатамонро ҷонибдорӣ намуда, ҳамаи мо бояд мисли ӯ ғамхори ятимон бошем. Ба қавли шоир:

***Ҳар ки хандонад ятими хастаро,***
***Боз ёбад ҷаннати дарбастаро.***

**Шаъмигули НУРУЛЛОЗОДА,**
*мутахассиси шуъбаи марҳилаи якум*
*ва ҳисоботи омории Суди Олии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шахсият

# САДОҚАТ ДАР РОҲИ ДИН ВА ДУНЁ

***Мегӯянд, ки бузургмардон таърихаанд, таърихи зиндаву гӯёи миллат. Ва ҳар замону давронро тавассути олимону бузургонаш мешиносанду баҳо медиҳанд. Шукр мекунам, ки дар ҷумҳурӣ афроде ҳастанд, ки миёни аҳли ҷомеа чун номбардори халқу миллат эътироф шудаанд.***

**АЗ** ҷумлаи чунин шахсон устод, мураббии ғамхор ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода, ки дар рӯзҳои наздик ба 60-умин умри мубораки худ қадам мегузоранд, ба ҳисоб мераванд. Бо боварии комил гуфта метавонам, ки ба кадом гушаи ҷумҳурӣ ва берун аз он сафар намоӣ, устодро мешиносанд, ӯро бо некӣ зикр мекунанд. Ман таърифу авсофашро ҳамчун олими дорои илми баланди раббонӣ на танҳо дар шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон, балки дар Маккаи мукаррама, Мадинаи мунаввара, Эрону Ӯзбекистон, Олмону Ҳинд, Русия ва Америко шунидаам. Дӯстию бародарии мо якчанд даҳсолаҳо давом дорад.

Ҷолиб он аст, ки аз нигоҳи илми фаросатшиносӣ бо рукнҳои зоҳирӣ ва ботинии хеш вай аз дигарон фарққунанда аст. Ӯ хоксору самимӣ, сирдону сирпӯш, одаму одамшинос мебошад. Бо дӯстону шогирдонаш якмаром меҳрубону ғамхор аст ва ба чунин муносибат ҳамеша содиқ боқӣ мондааст.

Беҳандешию нафъи мардумхоҳӣ аз наҷибтарин сифатҳои ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода шуморида шудаанд.

Заминаи пайдоиши дӯстӣ бо ин инсони бузург аз ибтидои солҳои 90-ум шурӯъ гардида, имрӯз ба як дарахти нерӯманд табдил ёфтааст. Он вақт ман ба сифати афсари қувваҳои амниятии кишвар ва баъд аз ба нафақа баромадан ба сифати сармутахассис дар Кумитаи дини назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ фаъолият доштам. Ваъзияти оперативии он солҳо басо мушкил ва мураккаб буд, барои миллат лаҳзаҳои такдирсоз буд ва ҳеҷ фардро бароиояндаи халқу миллат бетараф намегузошт. Маҳз дар ҳамон солҳо дар мутолиа намудани даҳҳо маҷаллаву рӯзномаҳо ва баҳсҳо дар конференсияҳои илмӣ ба ман муяссар гардид ба нигоҳи диди ин олими бузурги миллат аз наздик ошно гардам. Устод баҳри ҳалли муаммоҳои мавҷуда бо оёти Қуръонӣ, аҳодиси набавӣ фикру ақоиди хешро иброз ва мудалал менамуд ва пешниҳодҳои ӯ дар ташаккули фикри ҷомеа ва сиёсати давлат дар он лаҳзаҳои ҳассос нақши муҳимро бозида буданд ва хоҳанд бозид…

Баъдан ба ман муяссар гардид бо устод Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода дар шароити берун аз кишвар-дар мамлакатҳои хориҷӣ ва дифои ӯ ҳамчун олим аз дину оин, суннатҳои мардуми диёр, сиёсати бунёдкоронаи давлати тозабунёд шинос шавам. Минҷумла, ба ман насиб гардида буд, ки таи солҳои 1995-2002 бо устод ҳафт маротиба барои ташкил ва фароҳам овардани шароит барои ҳоҷиёни кишвар озими кишвари Арабистони Саъудӣ гардем. Ва дар аснои ин сафарҳо аз наздик аз илмдонӣ, забондонӣ ва маърифату ташкилотчигии он кас амиқтар шинос гардидам. Гарчанде ки устод яке аз роҳбарони асосии мардуми кишвар дар адои фарзияи ҳаҷ буд, қобили қайд аст , то иброз намоям, ки роҳбарӣ намудан аз фаъолияти 5-6 ҳазор ҳоҷӣ дар байни 3-4 миллион нафар мусулмони дунё дар Каъба заҳмати худро дорад.

Медидам, ки устод аз уламои кишвар, ки ҳамсафарони мо ҷиҳати адои ин маносик буданд, машварат ва дуо мегирифт. Тавсия ва машваратҳои марҳумон ҳуҷоҷ-собиқ муфтиёни ҷумҳурӣ Калонзода ва Шарифзода, раиси уламои ҷумҳурӣ- марҳум ҳоҷӣ А.Неъматзода ва раиси онвақтаи Кумитаи дини ҷумҳурӣ ҳоҷӣ С.Аҳмадов дар ин сафарҳоро борҳо бо чашмҳои худ дидаам ва бо гӯшҳои худ шунидаам, ки дар маҷмӯъ ин ҳама маро имкон дод аз сифатҳои устод ҳамчун масъулиятшинос ва кордон буданаш амиқтар ошно гардам. Дар ёдам мондааст, ки ӯ барои таъмин намудани китобхонаи Донишгоҳи исломии кишвар бо 18 тонна китобҳои зарурӣ - Қуръон, аҳодиси набавӣ, таълифоти Шайх Ғаззоливу Имоми Аъзам дар якҷоягӣ бо Абдуҷалол Алиев -собиқ ректори Донишгоҳи исломӣ ҳафтаҳо-шабу рӯз дар Вазорати авқофи Арабистони Саудӣ заҳматҳо кашидаанд ва имрӯз хушбахтона ободии ин китобхонаро бо китобҳои дарсӣ аз меҳнатҳои онвақтаи ин шахсиятҳо мебинам, ки фикри ҷавонони имрӯзаи кишварро аз қабл андешида буданд. Дар ин маврид бояд қайд намоям, вақте ки 18 тонна китоб ба майдони ҳавоии шаҳри Ҷидда барои интиқол намудан ба Тоҷикистон таъмин гардид, ман шоҳид будам, ки ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода 2 тоннаи ин китобҳои бо заҳмат ба даст овардаро дар гӯшае ҷудо намуданд.

Баъди суҳбат фаҳмидам, ки ин 2 тонна китоб зидди мазҳаб ва суннати бобоии мо мебошанд. Хушбахтона, ҳоҷиёни имрӯзаи кишвар, ки барои адои яке аз фарзиятҳои Ислом, яъне адои маносики ҳаҷ сафари кишвари Арабистони Саудӣ мекунанд ва бо бахти баланди онҳо имрӯз бо кӯшиши Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин кишвар Тоҷикистон сафорати худро дорад, ки аз манфиатҳои ҳуқуқии шаҳрвандони хеш муҳофиза менамояд. Бояд зикр намоям, ки дар солҳои 1990-2000-ум мо ҳамчун давлати тозабунёди соҳибистиқлол аз ин бартарият маҳрум будем ва мавҷуд набудани мақоми дипломатии кишвар дар кишвари Арабистони Саудӣ моро водор мекард, ки аз имкониятҳои хеш, минҷумла аз дониши афрӯхтаи як фарди тоҷик ҳоҷӣ Хусайн Мӯсозода, ҳамчун донандаи хуби забони арабӣ ва қавоиди протоколи байналмилал барои ҳифозат ва таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои афроди Тоҷикистон истифода намоем.

Хурсандиовар аст, ки дар он солҳо писари устод-ҳоҷӣ Шамсидин, ки дар ҷомеъи Маккаи Мукаррама расман таҳсил доштанд, ба мо -ҳоҷиёни тоҷик, ба падар низ аз ҳар ҷиҳат, минҷумла ҳамчун тарҷумон кӯмак менамуданд ва имрӯз ба яке аз шахсиятҳои соҳибмаърифати кишвар камол ёфтаанд.Китобҳои таълифнамудаи устод бо дастхатҳои шахсиаш имрӯз китобхонаи шахсии маро ҳусни камол мебахшанд, ки борҳо онҳоро мутолиа намудаам ва дониши диниву мазҳабии хешро аз он сайқал додаам. Мутолиаи таълифоти устод: "Маъхаз-улмаъонӣ аз оёти қуръонӣ", "Гавҳари имон мафурӯш", "Анвору-л-мактубот", "Табйин-ул-ҳақоиқ", "Об асли мавҷудият" ва дигару дигар таълифоташ ба ташаккул ёфтани шахсияти ҳар як фарди мусулмони кишвар таъсири мусбӣ доштанд ва хоҳанд дошт ва Аллоҳуаъламуби-савоб.

**Маъруфҷон МИРАКОВ**

Минбари халқ
10 июни соли 2015,
№24 (1003)



**Тоҷикистон аз ҷиҳати боду ҳаво муътадилтарин сарзамини рӯи олам ба шумор меравад. Масалан, кишварҳои ҷанубтари мо - Афғонистону Покистону Ҳиндустон иқлими бисёр гарму тафсон доранд. Аз тарафи шимол Қазоқистону Қирғизистону Русия ҷойгир шудаанд, ки сармои дарозмуддати ин мамлакатҳоро ҳамагон медонанд. Азбаски Тоҷикистон аз сатҳи бахр дар баландӣ ҷойгир шудааст, боду ҳавояш софу тозаву беғубор аст, ки табиат ин ҳадяи худашро гӯё фақат ба тоҷикону тоҷикистониён ато намудааст.**

# Биёед «Ҳафтдар» бисозем

**АЗБАСКИ** 93% сарзамини моро кӯҳсор ташкил медиҳад, хавфи омадани селҳо дар фасли баҳорон ва хароб шудани заминҳои кораму иншооти сохтмониву хонаҳои истиқоматӣ бисёр мушоҳида мешаванд. Ҳар сол, ба хусус дар фасли баҳор миллионҳо тонна хоки муқаддаси ватанамон тариқи дарёҳову ҷӯйҳо ба баҳри Арал мерезанд.

Аз рӯи илму таҷрибаи рӯзгор, сабаби хушкшавии баҳри Аралро ман дар тӯли ҳазорсолаҳо дар натиҷаи пур кардани қуму сангу лойқа ва баланд шудани сатҳи поёнии ин баҳр мебинам. Яъне баҳри Арал натанҳо хушк шуда истодааст, балки дар тӯли асрҳо табиат аз ҳисоби баландкӯҳҳо қисмати поёнии ин баҳрро бо қуму шағалу лойқа пур кардааст ва гумон мекунанд, ки гӯё обаш кам шудааст.

Ҳар сол аз баландкӯҳҳои Даштиҷуму Шӯрообод, Ванҷу Дарвоз, Мӯъминободу Темурмалик, Рашт, Тоҷикобод ва дигар ноҳияҳои баландкӯҳ баъди боронҳои баҳорӣ селҳо пайдо шуда, қабатҳои хоки болоии заминро шуста, тавассути дарёҳои Ёхсуву Сурхоб, Элоку Кофарниҳон, Вахшу Варзоб ба дарёи Панҷ мерезанд, ки дар интиҳо ба дарёи Ому як ҷо шуда рафта ба баҳри Арал мерезанд, ки сабаби баланд шудани сатҳи поёнии ин баҳр дар ҳамин аст.

Болои харобиҳое, ки селҳо дар маҷроҳои худ меоранд, боз қабатҳои болоии хокҳои ҳосилхезро шуста бурда ба дарёҳо мерезанд ва дар мавзеъҳои ҳамвору корами дараҳо сангобҳое ба вуҷуд омадаанд, ки сечор километр паҳно ва даҳҳо километр дарозӣ доранд. Аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатамон Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои некӯаҳволии халқ бисёр ҷаҳду талош намуда, ба хусус дар мавриди кишоварзиву боғу токпарварӣ диққати махсус медиҳанд ва мардумро барои самаранок истифода бурдани замин, соле аз як қитъа ду-се ҳосил рӯёниданро борҳо таъкид мекунанд. Аммо вақте ки шахси дилсӯзи Ватану Миллат аз байни ин сангобҳои беканору беҳосил мегузарад, дилаш хун мешавад, ки ин сангобҳо бо вуҷуди он ки харобиҳои зиёд меоранд, боз нокораму бефоидаанд. Ҳол он, ки заминҳои беҳтарину серҳосил заминҳое мебошанд, ки таровиши обашон зиёд буда, ба захбурҳо эҳтиёҷ надоранд.

Табиат бо обтарозуяш ин заминҳои санглохро қариб, ки ба куллӣ ҳамвор кардааст, бо андак меҳнати ақлонӣ мо метавонем ҳазорҳо гектар заминҳои кораму серҳосил ба манфиати давлату миллат ҳосил кунем. Ин масъаларо бо ширкати олимони соҳаи геодезӣ аз рӯи илми заминсозӣ омӯхта як барнома сохтан лозим меояд.



Президенти муҳтарамамон дар як суханронияш гуфта буданд, ки НБО-и Роғун фаъолияти кории НБО-и Норакро садсолаҳо зиёд мекунад, яъне лойқаву қуму санге, ки аз баландкӯҳҳо меафтанд, ҳавзҳои Роғун минбаъд онҳоро ба поён фаромадан намегузоранд. Дар асоси суханҳои Ҷаноби Олӣ ман ба хулосае омадам, ки дар ҳар як дара ва сангобҳои паҳноияшон васеъ "ҳафтдар" бисозем.

Ин пешниҳодро барои он "Ҳафтдар" ном гузоштем, ки ҳафт рақами муборак аст. Матлаб аз "Ҳафтдар" сохтан чист? Дари якум, сангҳое, ки дар натиҷаи боронҳои сел аз баландкӯҳҳо канда шуда ба поён мефароянд, он сангҳоро ба поён рафтан намегузоранд ва суръати тези обро суст мекунаду об таровиш хӯрда, нисбатан тоза шуда ба майдони дуюм мегузарад. Майдони дуюм бошад, сангу регу лойқаро ҷабида мегирад ва дар натиҷа замини бо обтарозуи табиӣ ҳамворшуда ва корамро ба вуҷуд меорад, ки барои боғутокпарварӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷаи сохтани "Ҳафтдар" майдонҳои ҳосилкардаи сеюму чоруму панҷум, махсусан дар сангобҳои ноҳияи Ховалинг барои кишти шоливу ниҳоли ҷой бисёр мусоид аст.

Майдонҳои поёнобе, ки аллакай оби софу зулол ҳосил мекунем, барои даҳҳо гектар бунёд кардани ҳавзҳои моҳипарварӣ мусоидат мекунанд, ки ин ба давлату ҷамъият фоидаи калон дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷӯйҳову наҳрҳои сарзаминамон аз намуди зоти гулмоҳӣ, ки дар ҷаҳон бисёр машҳуру нодир аст, ғанӣ ҳастанд. Меҳмонҳое, ки аз Туркияву Эрон дар ватанамон меҳмон мешаванд, ё ки мусофиронанд, ҳама вақт гулмоҳӣ (Форелро) пурсон мешаванд, ки аз куҷо ва чӣ гуна онро пайдо кунанд. Дар бозорҳои ҷаҳонӣ гӯшти ин гуна зоти моҳӣ арзиши баланд дорад. Дар соҳилҳои ин ҳавзҳо бошад, фермаҳои паррандапарварӣ ташкил кардан айни муддаост.

Дар талу теппаҳои низ соҳилҳои атрофи ҳавзҳо юнучқакориро ривоҷу равнақ додан лозим меояд ва фермаҳои паррандапарвариро бо хӯроки истеҳсоли худӣ таъмин намудан яке аз роҳҳои беҳтарини усули кор аст ва соҳаи сердаромадтарини ҷомеаи мусоири ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи ривоҷу равнақ додани соҳаи моҳипарварӣ дар ҷумҳуриямон дарёфт кардани гӯшти моҳӣ арзон ва осон мешавад, ки бисёр соҳаи зудинкишофёбанда ва сердаромад мебошад ва ба некӯаҳволии мардум мусоидат мекунад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар саросари мамлакат рӯзи ҷумъа- Рӯзи моҳӣ "Рыбный день" эълон шуда буд, ки дар ин рӯз хоҳу ноҳоҳ одамон маҷбур буданд, ки гӯшти моҳӣ истеъмол кунанд.

Ба воситаи бунёд намудани "Ҳафтдар" ҷумҳурӣ суди зиёде мебинад, ба хусус обу хоки муқаддаси ватанамонро аз беҳуда ба дарёҳову баҳрҳо рафта рехтан муҳофизат мекунем ва бо ин восита иқлими ватанамон нисбатан салқину пуртароват мешавад, ки ин ҳам ба одамону ҳам ба соҳаи чорводорию табиати атроф фоидаи калон дорад. Барои сохтани "Ҳафтдар" олимону кормандони Вазорати энергетика ва захираҳои об ва кишоварзиро лозим меояд, ки сари мизи мудаввар нишаста оиди ин масъалаи ҳаётан муҳимро баррасӣ кунанд.

**Раҳматулло ШЕРАЛИЕВ,**
*омӯзгор*

Чизеро ба чизе иваз намудан
Ҷамъи торонаҳои сароянда
Футболбози рус Андрей ...
Бародарони боксёр аз Украина
Дар ин узв санг пайдо шуда метавонад
Мусиқии ...-н-рол
... де Жанейро, шаҳр дар Бразилия
Махлуқи хунхӯр дар филмҳо
Солинави Эрон
Яке аз уқёнусҳо
Сардори қӯшун
Ҳарфи «ч»-и арабӣ
Урф, одат
Ҳамеша, мудом
Ҷойи мошингард
Бол
Тобистон ё баҳор чиянд?
Бахтиёр ..., ширинкор
Музей (тоҷ.)
Роҳбари рӯҳонӣ
Илми шеър
Саховатманд
Фармон, ҳукм
Рӯзи дуюми кории ҳафта
Курта, ҷома, шим
Миён
Биёбони ...и Кабир дар Африқо
Бо зарбаи болға ба чӯб медарояд
Ҷойи таомхӯрӣ
Роҳи қатора аз он иборат аст
Армуғон, ҳадя
... Деол, актёри ҳиндӣ
Баҳри хушкшуда дар Осиёи Марказӣ
Ноҳия дар вил. Суғд
Мавлоно Ҷалолиддини ...ӣ
Ансамбли сенафара
Шӯриш, исён
Ноҳия, ҳамсояи Дарвоз (Бадахшон)
Халос кардан = ... додан
Исён, балво
Биринҷ дар саҳро
Ҷилави автомобил (русӣ)
Сароянда эрониасл аз Шветсия
Номи падарҳои Ленин ва Брежнев
Тамокукашӣ -...и бад
Бозии рӯимизӣ бо кий
Хуб не
...-Анҷелес, шаҳр дар ИМА
Меваи маъмул
Силвестр ..., актёр



## СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Э | | | Н | | | И | | С | | Я | | | Г |
| | | | | | | Ҳ | О | З | И | Р | А | З | А | М | О | Н | | | Р |
| | | | | | | С | | | Л | | Ф | | В | | | Г | О | Р | И |
| | | | | | | О | Р | З | У | | А | С | Т | А | Н | А | | | П |
| С | Т | А | Р | Е | К | С | | | Ф | О | Н | | О | | Е | | А | С | П |
| | | Ҳ | | | Л | | | | А | | Д | | | А | Ш | К | | А | |
| | | М | У | Р | И | | М | А | Р | Д | И | К | О | Р | | О | | К | |
| Х | | А | | | Н | И | М | | | У | | А | | Г | А | Д | О | Е | В |
| У | Р | Д | У | | И | | С | У | С | М | О | Р | | Е | | | | | А |
| Ш | | | К | | К | | | | | | | Т | И | Н | | | | | З |
| Т | И | Л | О | В | А | Т | | | | | | О | | Т | | | | | О |
| А | | Ю | | А | | А | | | | | | Ш | Р | И | | | | | Р |
| Ъ | | Д | | С | | Р | | | | | | К | | Н | | | | | А |
| М | У | А | Й | Я | Н | К | У | Н | А | Н | Д | А | | А | Д | О | Л | А | Т |

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ АДАБИИ БА НОМИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

# ҶОМИ БУЛӮРИН

**Шоир Раҷаби Мусалмониёнро дӯстдорони шеър мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Зеро ӯ бо мақолаҳои илмию адабиётшиносӣ ва бо ашъори ботаровати бо услуби хоси худ эҷоднамудааш дар дилу дидаҳо маскан гирифтааст.**

Маҷмӯаҳои ашъори шоир "Парастуҳои Наврӯзӣ", "Атри наврӯз", "Нигоҳи офтоб"-ро хонандагони закӣ хуб истиқбол намудаанд. Ва инак, китоби нави шоир "Булӯри хаёл" низ хонандагонро хушнуд сохт.

Ин китоб аз чорпора ва рубоию дубайтиҳои тозаи шоир мураттаб гардидааст. Мавзуи шеърҳои ин маҷмӯа гуногун буда, дар он доманаи андешаҳои шоир хеле фароханд. Дар шеъри ӯ меҳри Ватан ва муҳаббати ҳамватанон хеле шоирона мунъакис ёфтааст.

Ба ифодаи шоири дилошно ҳаёт доманаи тазодҳост. Тазодҳои зиндагӣ инсонро ба ҳайрат оварда, ӯро водор месозад, ки биандешад, чӣ гуна аз об оташ ва аз хун шир ба вуҷуд меояд ва худи ӯ зимни бо тадриҷ камолёбӣ ба саволҳои андӯхтааш ҷавоб меёбад:

*Об оташро бизод,*
*Гашт аз хун шир ҳосил.*
*Охир, аз чӣ буда ин радду бадал?*
*Аз ҳамон меҳре, ки буд дар магзи дил.*




Раҷаби Мусалмониён чун шоири тозагӯй ва некназар пайваста дар ҷустуҷӯйи инсонест, ки барои ӯ сухан, махсусан шеър мояи нурафшонист. Ӯ ба шеър сахт дилбастагӣ дошта, рӯшании ҳаёту рӯзгори одамиро дар шеър мебинад. Инсони офаридаҳои Раҷаби Мусулмониён аз шеър то шеър камол меёбад. Ӯ худро ботадриҷ чун инсони ошиқ-ошиқи ҳусну ҷамоли рӯзгор, ошиқи шайдою вафодор нисбати ёр ва ҳамватанони шарафбор ба атрофиён мешиносад ва ҳар якеро ба садоқату меҳрубонӣ ҳидоят месозад. Ин инсон хуб медонад, ки ободӣ ва осудагии дунё ишқ аст. Бе ишқ ва муҳаббати сӯзон одамон ҳуқуқи инсон буданро надоранд.

Шеърҳои "Як лаҳза ҷо кунам", "Ӯ ҷаҳонафрӯз шуд", "Ту хушбахтӣ", "Кош", "Ман бо худам пайдо шудам", "Харидор", "То ки динӣ, кист марди қодире", "Худо чизе мадеҳ", "То мо суханвар будааст", "Себ аз нав мекунад гул", "Ҳадяи ту", "Одамӣ ҷуз худ надорад", "Кист устод?", "Истаравшан", "Магар чун мо пушаймоне", "Чорасозе гашта бошам" ва ғайра аз назари тоза ва ҷустуҷӯҳои судбахши эҷодии Раҷаби Мусулмониён дарак медиҳанд, ки ӯ майли аз шеър то шеъри дигар гуфтани сухани нобиу шоирона дорад.

**Омон РАҶАБ**

Варзиш

# «ҚИММАТ» МЕДАЛИ ТИЛЛО ГИРИФТ

**Бо аспарвари номӣ Собитҷон Мақсудов вохӯрдем, ки басо хушҳолу болидарӯҳ буд. Гуфт, ки дар ҳайати чанд нафар, дар мусобиқаи кушоди осиёимиёнагӣ оид ба аспдавонӣ, ки дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии ҳамсояи Ӯзбекистон доир шуд, иштирок карда, шарафи варзишии кишварро сарбаландона ҳифз карданд. Мусобиқаи аспдавонӣ ба масофаҳои гуногун ва ҳам аз рӯи ороишу зебоии асп баргузор гардид.**

**АСПИ** зоти ахалтекинӣ бо номи "Қиммат", ки ба сокини шаҳри Қайроққум Собитҷон Мақсудов тааллуқ дорад, дар масофаи то 1200 метр миёни 18 кишвари хориҷии дуру наздик аввалин шуда ба марра расид ва сазовори медали тиллоӣ, диплому мукофоти асосӣ-Ҷом шуд.

Намояндаи дигари мамлакат Усмонхон Алиев бошад, дар масофаи 2 ҳазор метр бо аспи зоти англисӣ бо номи "Рисолат" дуюмин шуда ба марра расид.

Фиристодагони Тоҷикистон ҳамзамон бо аспҳои "Реал" ва "Гулбаҳор" дар мусобиқаи умумӣ миёни аспҳои синну солашон гуногун фаъолона баромад карда, сазовори ҷои дуввум шуданд.

Аспи варзишии "Қиммат" аз рӯйи намуди дуввуми мусобиқа "Ороиш ва зебоӣ" ҳамаро дар ҳайрат гузошт. "Қиммат" миёни зиёда аз 100 асп аз кишварҳои гуногун сазвори мақоми аввал ва Ҷоми мусобиқа гардид.

Маҳмадӣ Ҳакимов, раиси Ассотсиатсияи аспарварони Тоҷикистон вақти суҳбат изҳор дошт, ки солҳои охир бо мақсади бештар намудани саршумори аспҳои варзишӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.



- Бароям лаҳзаи аз ҳама гуворову ҳаяҷонбахш дар ин мусобиқа ба шарафи ғолибият барафрохта шудани парчами Тоҷикистони азиз буд,- мегӯяд Собитҷон Мақсудов,- боиси ифтихор буд, ки мо дар чунин як мусобиқаи бонуфузи байналмилалӣ кишварамонро бо сарбаландӣ муаррифӣ карда тавонистем.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати рушди соҳаи аспарварӣ дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд, ки натиҷаҳои хуб дода истодааст. Далели он таҳия ва қабули Барнома " Оид ба рушди соҳаи аспарварӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016" мебошад, ки сарфи назар аз мушкиливу монеаҳо марҳила ба марҳила амалӣ мешавад.

Машғул шудан ба варзиши намуди аспдавонӣ аз ҷавонон чусту чолокӣ ва шуҷоатро талаб мекунад. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳру навоҳии мамлакат, аз ҷумла вилояти Суғд низ бо дарназардошти ана ҳамин хусусияти тарбиявии ҷавонон бояд ба рушди аспарварӣ таваҷҷуҳи бештаре дошта бошад. Дар ин радиф ҳамасола бо ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон барпо намудани чорабиниҳои гуногуни варзишӣ дар ин самт ба манфиати кор аст.

**М. МАҚСУДОВ**




## "ИДЕАЛ" - ДАР ҲАҚИҚАТ ХАРОБ МЕШАВЕД!

"Идеал" -фитомаҷмӯи гиёҳҳӣ буда:
**- ба ҷабидани равған дар организм монеа мешавад;**
**- холестеринро аз меъда баровраварда ба таҷзияи он мусоидат мекунад;**
**- таъсири нарми дарунронӣ дорад;**
**- хориҷшавии моддаҳои зарароварро аз организм метезонад;**
- Боз аҷоиботи "Идеал" дар он аст, ки он на танҳо вазнро кам мекунад, балки ҳусну зебоии танро ба меъёр меоварад.
Дар интернет **"Идеал"**-ро ҷӯё шавед ва худ шоҳиди таъсирнок будани он гардед.
**ИСТИФОДА:** Аз 10 сола боло ва ба ҳамаи синну сол (марду-зан) аз 1-то3 донача 1 бор дар як рӯз шабона ҳангоми хӯрок, давомнокӣ аз 30 то 60 рӯз.

***АЗ ДОРУХОНАҲОИ ШАҲР ПУРСОН ШАВЕД!***

## "ТОКСИДОНТ МАЙ": - ДАВОИ МАСТОПАТИЯ ВА МИОМАИ БАЧАДОН



Олимони Русия фитомаҷмӯеро омода намудаанд, ки ҷиҳати тоза намудани бадан (хун) аз моддаҳои заҳрнок, табобати тарбод (ревматизм)-у миёндард ва никрис (подагра), бахусус, бемориҳои занонаи мастопатия ва миомаи бачадон ҳамто надорад. Инчунин дар тибби халқӣ онро барои суръат бахшидани мубодилаи моддаҳо, кам намудани вазн ва коҳиш додани миқдори қанд дар хун истифода мебаранд. Дар таркиби ин даво моддаи аспарагин кашф гардидааст, ки инкишофи ҳуҷайраҳои саратониро бозмедорад. **"ТОКСИДОНТ МАЙ"** бӯй ва таъми хуш дошта, ба зудӣ дар об маҳлул мегардад. Таркиби хунро беҳтар гардонида, бемориҳои сироятӣ, иллатҳои пӯст ва захмҳоро шифо мебахшад. **"ТОКСИДОНТ-МАЙ"** давои беҳамтост ва комилан безарар аст!

**Тарзи истеъмол:** Ба марду зан 1 қошуқча дар 1 истакон об омехта, 3 маротиба дар 1 рӯз.

**Тарзи фӯрӯш:** хариди он аз дорухонаҳо ва истеъмоли он бе дорухати духтур иҷозат аст.

**Телефон барои маълумот:** 918 47 93 93

## БО "УРИСАН" БАРДАМОНА ҚАДАМ БИЗАН!




Вуҷуди инсон аз банду буғумҳо иборат аст ва бемориҳои илтиҳобии банду буғумҳо - варампай(артрит), артроз ва ниқрис(подагра- сурхшавӣ ва сӯзиш) аслан бемориҳои хеле тӯлонӣ буда, ашхоси гирифтори ин бемориҳо зиёд дард мекашанд. Барои эшон ҳама гуна ҳаракат бо душворӣ муяссар мешавад, бахусус, роҳгардӣ. Бархе ҳар сол чанд маротиба дар бемористонҳо табобат мегиранд. Вале акнун **"УРИСАН"**- давои воқеан таъсирбахши ин бемориҳо низ пайдо гардид.

**"УРИСАН"** аз растаниҳо омода шуда, комилан безарар аст ва илтиҳоби узвҳоро рафъ сохта, бемориҳои варампай(артрит), артроз ва ниқрис(подагра)-ро шифо мебахшад. Ҳамзамон ҳаҷми таҳшиншавии намаки кислотаи пешобро дар хун ва банду буғумҳо коҳиш медиҳад. Бинобар ин, агар шумо аз дарди буғумҳо раҳоӣ ёфта, бардамона қадам задан хоҳед, ҳатман аз **"УРИСАН"** истифода баред. Бо **"УРИСАН"** бардамона қадам бизан! **Истифода:** ба калонсолон 2 капсула 2 бор ё ин, ки 5 пилюлагӣ 2 бор дар як рӯз, ҳангоми хӯрок. **Давомнокӣ:** 3 ҳафта. **Тарзи фӯрӯш:** хариди он аз дорухонаҳо ва истеъмоли он бе дорухати табиб иҷозат аст.


НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ маводи низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат: Хусрав Дӯстов
ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО: *734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 48952 нусха
Навбатдор: Ҷ.ҚУДДУС

